МУФАЗЗАЛИ АҶАМРОД

# МУСАЛЛОИ ХУРШЕД

Душанбе
«Адиб»
2008

ББК 84 Тоҷик 7-5
А – 90

*Муҳаррир М. Хоҷаев*

**Муфаззали Аҷамрод. Мусаллои хуршед.** Шеърҳо ва пиндорҳо. – Душанбе, «Адиб», 2008, 124 саҳ.

**Мӯҳтавои маҷмӯаро силсилаи таълифоте фаро мегирад, ки ҳар ҳарфу ибораи он далолати бардошти муаллиф аз дарси рӯзгор аст. Ӯ ба андозаи таҷрибаи андӯхтаву дарки макону замон порсоию покӣ, ҳамидагии хулқ, некию некӯкорӣ, меҳнати созанда, арҷгузорӣ ба мероси аҷдодӣ, беолоишии ишқи инсонӣ, ҳамоҳангии пиндору кирдорро ситоиш мекунаду низоми андешаашро ба муҳокимаи ҷомеа мегузорад.**

**Умедворем, ки маҷмӯа писанди хотири хонандаи арҷманд гардад.**

ISBN 978-99947-57-32-9

© Муфаззали Аҷамрод, 2008.



# Ҳоҷиакбар
# Муфаззал Муртазозода

***Ба бузургдошти Ҷашни 1150-умин солгарди зодрӯзи одамушшуаро – Устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, посдории 95-умин солгарди хотираи неки озодамард – қиблагоҳам ва эҳтироми Соли забони тоҷикӣ мебахшам.***

# САДОИ ШУНУФТАНӢ

Бо сарояндаи ин маҷмӯа ман дар поёни солҳои 80-уми асри гузашта дар шаҳри Адан вохӯрда будам. Он вакт Яман ба ҷанубию шимолӣ тақсим буд ва ин ҷудоӣ ба дили мардуми ин кишвари қуръонӣ доғи худро гузошта буд. Вақте ки дар диёри ҳиҷронҳо кору зиндагӣ мекунӣ ва бар заммин ин аз ватани худ дур афтодаӣ, ҷудоию фироқ муассиртар мегардад. Ва шояд ҳамин дарди ширину инсонофарин Муфаззалро ба сурудани шеър илқо кардааст. «Соҳибватан биёву ба сӯйи Ватан биё!» – гуфтани ӯ ба худи ӯ низ дахл дорад.

Агар хонанда ба зернавишти баъзе шеърҳо таваҷҷӯҳ кунад, хоҳад дарёфт, ки гӯянда дар чанд кишвари араб кору зиндагӣ кардааст ва забону фарҳанги арабҳоро хуб медонад. Ҳамин дониш ба шеъри ӯ беасар намондааст ва дар забону иборав у таркибҳои сурудаҳои Муфаззал мо таъсири бобаракати фарҳанги ғании арабҳоро мушоҳида мекунем. Агар ба ин ҳама боз ба тавофи Каъба мушарраф гардидани ӯро зам кунем, сарчашмаи мӯҳтавои ашъори гӯяндаро барои худ пайдо менамоем.

Муфаззал асосан ғазал мегӯяд ва пайрави киҳо будани худро чунин эълом медорад:

*Гирифтам домани Аттору дасти Мавлавӣ маҳкам,*
*Ки ҳар алломае бишнуфт, бовар мекунад моро.*

Воқеан, мутолиаи маҷмӯа чунин боварро ба хонанда талқин мекунад. Ба ин байтҳо таваҷҷӯҳ фармоед:

*Кӯйи ту меравад дилам, «Аҳлану марҳабо!» бигӯ,*
*Хезу расули бандаро «Дӯст, биё, биё!» бигӯ.*

* * *

*Сад раҳ ба ҳамин роҳ аст, ин раҳ чӣ рақам роҳе?!*
*Сад чаҳ таҳи ин чоҳ аст, ин чаҳ чӣ рақам чоҳе?!*

* * *

*Ман тоҳири таҳҳорам, дидори маро дарёб,*
*Ман обиди қаҳҳорам, гуфтори маро дарёб!*

Дар маҷмӯа ба ҷуз ғазал дигар навъҳои шеърӣ низ ҷой дода шудаанд, аммо дар оҳангу зарби сухан, дар ибораву таркибҳо, дар мазмун ва мӯҳтавои ҳамаи онҳо тасаллути Ҳазрати ғазал равшан эҳсос мегардад. Масалан, дар ин дубайтӣ:

*Амонатро хиёнат маслиҳат нест,*
*Замонатро амонат маслиҳат ҳаст!*
*Садоқатро разолат маслиҳат нест,*
*Разолатро адоват маслиҳат ҳаст!*

Ва ё дар шеъри чаҳорпораи «Дар канори баҳорат…» мехонем:

*Ёдат ояд магар, ай ёд, ки ёдам бо туст,*
*Бин, чӣ ҳолест маро аз ту ҷудо афтода!*

Дар бораи суханофаринии Муфаззал танҳо онро зикр мекунам, ки ӯ оҳанги ҳар воқеаро бисёр хуб эҳсос мекунад ва аз ҳамин сабаб шеъраш бисёр равон, хушоҳанг ва хотирнишин аст. Таркиби шеъраш маҳкам, суханаш истеҳкоми қавӣ дорад. Ҳамин чанд мисоле, ки дар боло овардам, муштест нишонаи хирвор. Хонандаи хушхон баъди мутолиаи маҷмӯа, иншооллоҳ, ба чунин хулоса хоҳад омад.

Дар охир гуфтанӣ ҳастам, ки Муфаззал хеле дер ин китоби шеъри худро чоп мекунад. Аммо бовар дорам, ки чунин иқдоми ӯ аз он сар назадааст, ки имрӯз ба табъ расонидани навиштаҳо барои ҳар хоҳишманду булҳавас бисёр осон гардидааст.

Муфаззали Аҷамрод чизи гуфтанӣ дорад ва садояш ба шунуфтан меарзад!

*ГУЛНАЗАР,*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

# ОРИФОНА

***Шеъри орифона ойинаи қудсӣ ва каломи малакутист. Ҳар касе, ки андар хаёл мафоҳими мубҳам ва андар замир алфози номавзун пиндошта, ба ин ойинаи мусаффо назар меафканад, онро доғдор мегардонад ва зинҳор, мутафаккир дар ҳисоб намеравад.***

## ХАЁЛАТ, АЙ ТАҶАЛЛӢ…

Хаёлат, ай таҷаллӣ, бодапарвар мекунад моро,
Миёни ҷумлаи ушшоқ сарвар мекунад моро.

Бузургони хирад умре мақоми васл меҷустанд,
Бар эшон раҳнамойи қутбу раҳбар мекунад моро.

Ниҳоле, к-андар ин боғи муҳаббат руста аз ҷонам,
Ба фарҷоми таманно шоду мусмар мекунад моро.

Замоне гар убури соҳили дарё муаммо буд,
Кунун оҳанги дидорат шиновар мекунад моро.

Гирифтам домани Аттору дасти Мавлавӣ маҳкам,
Ки ҳар алломае бишнуфт, бовар мекунад моро.

Муфаззал, шеъри мо дар маҷлиси хубон агар афтад,
Тавофи сад лисоне қанду шаккар мекунад моро.

## ҒАЗАЛИ ОРИФ

Кӯйи ту меравад дилам, «Аҳлану марҳабо» бигӯ,
Хезу расули бандаро «Дӯст, биё, биё» бигӯ!

Ишқу умеду орзу мебарадат зи номи ман,
Қосиди хушпаёмро ҳарфи хушу сазо бигӯ!

Каъбаи манзилат намо, зайфи худӣ ҳамерасад,
Хони муҳаббатат кушо, аз караму сахо бигӯ!

Нағмаи дилкушо бизан бо ҳама ёру ёварат,
Шод шаву ғазал саро, аз тарабу наво бигӯ!

Ҷони ман аст ин сафир, ҳам ту варо азиз гир,
Ҳадя ба ин мусофират пардаи сад садо бигӯ!

Моҳ мунаввар аз туе, шамс пуранвар аз туе,
Қиссаи ишқу ошиқӣ аз ҳарами само бигӯ!

То абадам намеравад дил зи диёри ту бурун,
Баски Муфаззали туям, фазл бикун, дуо бигӯ!

## ҒАЗАЛИ ШУКРОНА

Шукри беҳад, ки ғамат мӯнису ғамхорам шуд
В-аз ҳама аҳд буридам, ғами ту ёрам шуд!

Булъаҷаб будаму садранг ба айёми шабоб,
Ҳолиё зикру санойи ту фақат корам шуд.

Кулли ғамҳои дигар заҳру ғами ту асал аст,
Заҳри ғамҳои ту дармони шакарборам шуд.

Пеши раммол дигар масъалаҷӯйӣ наравам,
Регзори ғами ту боғаму гулзорам шуд!

Айш дар майкадаҳо лағзиши мастона бувад,
Айш дар ғамкадаат гармии бозорам шуд!

Дар сафи ҷумлаи аҳбоб нигаҳ дор маро,
Чун ҳавои ту саропардаи асрорам шуд!

Ҳар куҷо қанди суханро ба халоиқ бидиҳам,
Мавлавӣ фотиҳабахшандаи гуфторам шуд.

Балки ман бодафурӯшам ба фаноҷини сухан,
Шарқу Мағриб ҳама з-ин бода талабгорам шуд.

Қасри маънӣ дари махзан ба ҳама накшояд,
Чун Муфаззал будам, ин тахт сазоворам шуд.

## ҒАЗАЛИ ШЕБУ ФАРОЗ

Сад раҳ ба ҳамин роҳ аст, ин раҳ чӣ рақам роҳе?!
Сад чаҳ таҳи ин чоҳ аст, ин чаҳ чӣ рақам чоҳе?!

Сад оҳ кашам аз сар, то сарбасараш бошам,
Сад ваҳ пайи ин воҳ аст, ин ваҳ чӣ рақам воҳе?!

Сад чокару сад волӣ, сад сифлаву сад олӣ
Дар ҳукми ҳамин шоҳ аст, ин шаҳ чӣ рақам шоҳе?!

Сад олиҳаи ҳусне, сад солиҳаи сулҳе
Дар партави ин моҳ аст, ин маҳ чӣ рақам моҳе?!

Сад вақту замони дур, сад дурии databaseдур
Як зарраи ин гоҳ аст, ин гаҳ чӣ рақам гоҳе?!

Хоҳӣ бишавад пайдо ҳаққулҳақи нопайдо,
Дар дидаи ориф шин, донӣ, чӣ рақам хоҳӣ?!

Ин байти Муфаззал бин, маънии аҷаб дорад,
Фаҳмӣ, бикашӣ оҳе аз сар, чӣ рақам оҳе?!

## МАН ТОҲИРИ ТАҲҲОРАМ…

Ман тоҳири таҳҳорам, дидори маро дарёб,
Ман обиди қаҳҳорам, гуфтори маро дарёб!

Чун маддаму чун ҷазрам, маъмуру валангорам,
Дар қабзаи ҷабборам, ин кори маро дарёб!

Ҳам маҳфили ирфонам, ҳам қутби намоёнам,
Ҳам қофиласолорам, рафтори маро дарёб!

Андар фалаки ҷонам рӯҳам чу ба ҷӯш ояд,
Дар пардаи атторам, асрори маро дарёб!

Аз ман чу биомӯзӣ, қурбони сарат гардам,
Ҷолинусу Атторам, пиндори маро дарёб!

Аз тор ба ҳар торе дар гӯшаки ситорам,
Оғодири найсорам, сӣ тори маро дарёб!

Дар Ҳиндаму дар Шомам, дар Балху Намангонам,
Дар Басраву Булғорам, ашъори маро дарёб!

Ақсои ҷаҳон гаштам, ҳарчанд хазон гаштам,
Сарчашмаи фаввoрам, фаввори маро дарёб!

Нигнотии покам ман, охир таҳи хокам ман,
Дар навбати такрорам, такрори маро дарёб!

Исме, ки сазоворам, фазле зи худо дорам,
Чун Шамс пуранворам, анвори маро дарёб!

*ш. Басра, Ҷумҳурии Ироқ,*
*22. 09. 1979.*

# МУҲОВАРАИ ҚУДСӢ

Гуфтам, ки мебинӣ маро?
Гуфто: «Бале, ойинаам!»,
Гуфтам: «Азизат бошамо?».
Гуфто: «Туйӣ дар синаам!».
Алҳамду лак, алҳамду лак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!
Ай холиқи унсу малак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!

Гуфтам: «Қарибӣ, ё ки дур?».
Гуфто, ки дар пешат манам,
Гуфтам: «Парийӣ, ё ки ҳур?».
Гуфто, ки на, хешат манам!
Алҳамду лак, алҳамду лак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!
Ай холиқи унсу малак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!

Гуфтам: «Саропо дард ман!».
Гуфто: «Давоят мекунам!»,
Гуфтам, ки гарму сард ман!
Гуфто: «Шафоят мекунам!».
Алҳамду лак, алҳамду лак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!
Ай холиқи унсу малак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!

Гуфтам: «Манам андар қафас».
Гуфто: «Раҳоят медиҳам!»,
Гуфтам: «Гиреҳам дар нафас».
Гуфто: «Ҳавоят медиҳам!».

Алҳамду лак, алҳамду лак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!
Ай холиқи унсу малак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!

Гуфтам: «Табиби ман туйӣ?».
Гуфто: «Масеҳоят манам!»,
Гуфтам: «Ҳабиби ман туйӣ?».
Гуфто, ки Мавлоят манам!
Алҳамду лак, алҳамду лак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!
Ай холиқи унсу малак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!

Гуфтам, ки ошиқ ман туро?
Гуфто: «Бале, ошиқ туйӣ!».
Гуфтам, ки лоиқ ман туро?
Гуфто: «Бале, лоиқ туйӣ!».
Алҳамду лак, алҳамду лак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!
Ай холиқи унсу малак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!

Гуфтам, ки Хуршедам туйӣ?
Гуфто: «Ту нури нури ман!»,
Гуфтам, ки тавҳидам туйӣ?
Гуфто: «Туйӣ манзури ман!».
Алҳамду лак, алҳамду лак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!
Ай холиқи унсу малак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!

Гуфтам: «Муфаззал номи ман».
Гуфто: «Санохонат кунам»,
Гуфтам: «Ғазал дар коми ман».
Гуфто, ки эҳсонат кунам!

Алҳамду лак, алҳамду лак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!
Ай холиқи унсу малак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!

Гуфтам, ки пазмонат манам.
Гуфто, ки арзонат манам,
Гуфтам, ки қурбонат манам.
Гуфто, ки ҷононат манам!
Алҳамду лак, алҳамду лак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!
Ай холиқи унсу малак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!

Гуфтам: «Туро ман бандаам».
Гуфто, ки ишқат бор бод!
Гуфтам, ки бо ту зиндаам.
Гуфто, ки ишқат ёр бод!
Алҳамду лак, алҳамду лак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!
Ай холиқи унсу малак, Аллоҳу акбар, Ҳофизо!

*ш. Бағдод, Ҷумҳурии Ироқ,*
*12. 03. 1980.*

## ОЙИНАРӮЯМ …

Ойинарӯям аз фараҳангез рӯйи ту,
Бедоғ бод он маҳи рӯйи накӯйи ту!

Ғайри ту ақли ман нашиносад ягон касе,
З-ин рӯ равад назораи ман ҳам ба сӯйи ту!

Бишнуфтаам зи накҳати боди сабо, ки гул
Моро фиристад атри раёҳин зи бӯйи ту!

Дасти тамаъ ба ҷониби соқӣ набурдаам,
Мастам зи масткории ҷому сабӯйи ту!

Ақдомро таҳарруки ҳар ҷо писанд нест,
Илло шитоб ҷониби меҳроби кӯйи ту!

Оби зулоли чашмаву анҳори беадад
Кай мерасад ба қатраи ширини ҷӯйи ту?!

Шодам зи қисмати худу шукрона мебарам,
Ноил Муфаззалат шуда бар орзӯйи ту!

## МАНУ МАН…

Ману ман ҳардуи якто ба ҳам омехтаем,
Ману ман қатраи обему ба ҳам рехтаем.

Ману ман бодапарастем, биё ҳалқаи мо,
Қадаҳи сидқ ба гардан аҷаб овехтаем!

Ману ман кошифи асрори мани дигари ман,
Ҳама ҷо хирмани маънии сухан бехтаем!

Ману манро ту ба сардии нигаҳ бод макун,
Ки мабодо ба сарат боди ғам ангехтаем.

Ману ман бо ту муқобил, ки қабуле набувад,
Зи нифоқи туву асҳоби ту бигрехтаем.

Ба ғазалҳои Муфаззал бирасӣ бо ману ман,
Ба забонат масали пурасал омехтаем.

# ҲАЗРАТИ ДӮСТ

## Баройи Соҳиби Раҳмонпур

Ҳазрати Дӯст, биё, то дили мо шод шавад,
Маҳфили мо зи қудумат тарабобод шавад!
Ҳазрати Дӯст, биё!

Партави сидқу сафоро ба сари мо бификан,
То дар ин аҳд зи нав силсила бунёд шавад!
Ҳазрати Дӯст, биё!

Сайқали рӯҳ занем аз сари лутфу караме,
Байти нав дар ҳаваси «Маснавӣ» эҷод шавад!
Ҳазрати Дӯст, биё!

Мазраъи дил бикушуда, ҳама ҷо гул корем,
Кишвар ин ваҳдати мо дида гулобод шавад!
Ҳазрати Дӯст, биё!

Дарси маънӣ сабақ овар ба ман, ай Мавлоям,
Шояд ин бандаи хокӣ чу ту устод шавад!
Ҳазрати Дӯст, биё!

Ояти меҳру вафоро ту дигар бор бихон,
То ки дар хотираам азбару азёд шавад!
Ҳазрати Дӯст, биё!

Чун Муфаззал ба ҳадиси ту мушарраф гардад,
Табъи ӯ ойинабандону худодод шавад!
Ҳазрати Дӯст, биё,
Ҳазрати Дӯст, биё!..

## ГАВҲАРИ ҶОН

Андар булӯри ҷони ман, ҷоне дигар аз ҷони ту,
Маъмур бошад ҷони ман шому саҳар аз ҷони ту!

Дар мағз – мағзи ҷони ман ҷони ту гар пайдо набуд,
Вайрона будӣ ҷони ман бе ин гуҳар аз ҷони ту!

Нурофарин, зулматшикан дар водии ҷонам туйӣ,
Тасхир мекун ин Ватан, шамсу қамар аз ҷони ту!

Ай ҷонато, ай ҷонфизо, қурбони ҷонат ҷони ман,
Ман бандаи ҷони туям, султони фар аз ҷони ту!

Ойинае андар Хутан – ҷонат миёни ҷони ман,
Дидам, ки хушсурат бувад ин хушназар аз ҷони ту!

Ай холиқи радду бадал, ҷони азал, ҷони ғазал,
Шеъри Аҷам – шеъри ғазал, ин симу зар аз ҷони ту!

Дар коиноти ҷони ман кавну маконат ҷовидон,
Ин ҷовидон, ай ҷовидон, то мухтасар аз ҷони ту!

Ман як Муфаззал будаам дар давлати ҷону хирад,
Сад давлати ҷону хирад бо ин зафар аз ҷони ту!

*ш.Бағдод, Ҷумҳурии Ироқ,*
*02.02.1981.*

## ИСЁНИ МАРО БИНГАР…

Масрурам аз ин соқӣ, фоъил шуда бо нозе,
Ман нози варо нозам, моил шуда бо нозе.

Махмурам аз ин соқӣ, ҳушёр куҷо бинӣ?!
Ҳушёр аз оғозам, зоил шуда бо нозе.

Манзурам аз ин соқӣ в-аз ҷуръаи ин бода,
Сад ҷӯйи ба ҷӯ тозам, нозил шуда бо нозе.

Машкурам аз ин соқӣ в-аз зеру бами созаш,
Ман сози варо бозам, қоил шуда бо нозе.

Мансурам аз ин соқӣ, исёни маро бингар,
Чун боли бапарвозам, ноил шуда бо нозе.

Маъзурам аз ин соқӣ, ҷуз ӯ набувад ёре,
Ёре, ки ба ӯ розам, қобил шуда бо нозе.

Мағрурам аз ин соқӣ, чун ғарра набошам ман,
Бо шоҳ ҳамовозам, соил шуда бо нозе.

Маҳҷурам аз ин соқӣ, маҳҷур наям, на-на,
Чун фазли Аҷамродам, шомил шуда бо нозе.

*ш.Бағдод, Ҷумҳурии Ироқ,*
*07.04. 1981.*

## ДАР ИШҚОБОДИ ДИЛАМ…

Дар ишқободи дилам меҳри ту аз ҷонам фузун,
Аз ҷуръае сармаст ман, нӯшоби паймонам фузун.

Ё раб, ту субҳони манӣ, з-они туям, з-они манӣ,
Аз қаъри кони раҳматат ганҷи фаровонам фузун.

Дар кишвари рӯҳам зи ту фаввораҳо тирукамон
В-аз зарраи фаввораҳо хуршеди тобонам фузун.

Ман бандаи саргашта не, дарҳо ба рӯям баста не,
Дар гирудори зиндагӣ фотеҳи давронам фузун.

Ҳар ҷо равам бахт оварам, зеро ки ман бахтоварам,
Дар кӯчаҳои бандагӣ ҷумҳури хандонам фузун.

Дасте барам домони ту, бошад сазо сомони ту,
Ҳар бандаат пирӯз бод чун Оли Сомонам фузун!

Дидам Муфаззал розгӯ дар хилвати дунёи дун,
Дунё зи дунҳо пок бод, аз аҳли фарзонам фузун!

## ДӮШ АЗ САВДОЙИ ИШҚАТ…

Дӯш аз савдойи ишқат анҷуман нотоб шуд,
Аз қиёми гуфтугӯҳо ҷамъи дилҳо об шуд.

Шом гардид аз ҳадиси ҳусни ту мавҷи шафақ,
Субҳидам ноомада, зулматсаро маҳтоб шуд.

Аз гудози пуршарори кӯраи дилҳои зор
Ҳалқа дар ҳалқа сухан печидаву пуртоб шуд.

Фаршу аршу равзану деворҳо ҳайратфизо,
Чор сӯйи манзили мо беибо меҳроб шуд.

Васфи рӯят маҳфилоройи муҳиббон будааст,
Ихтироoте аҷаб дар олами аҳбоб шуд!

Чун Муфаззал зевари даври самоъи ёди туст,
Ғарқи дарёи хаёлат озими гирдоб шуд.

## ШЕЪРИ ХАЁЛ

Дар Каҳкашони дил, ки тиҳӣ бошад аз фурӯғ,
Монанди нур, ай сафи зулматшикан, биё!
Меҳроби дил турост чу маскан, азизи ман,
Соҳибватан биёву ба сӯйи Ватан биё!

Дар хонаи умеди хаёлам бубинамат,
Ҳар соате, ки ёди ту ояд ба ёди ман.
Дар хонаи музайяни сидқу вафо бувад
Симои ту ягонаву нодир бисоти ман!

Биншонамат миёнаи ҷону ба сад тараб
Зону занам муқобили шамъи вуҷуди ту.
Дар партави таҷаллии нури таронаҳо
Ово барам зи оятам андар суҷуди ту!

Бар маснади рафеъи таманно ҳамерасам,
Гар ҳамнафас ту будайӣ, ай холиқи нафас!
Армоншикаста меравам аз даҳр баъди васл,
Ҳам зинда мешавам сари нав аз пайи ҳавас!

Меҳмони арҷманд! Ту меҳмон найӣ, найӣ,
Шоҳӣ, шаҳаншаҳӣ, ба Худо, чокари туям!
Сад илтиҷо ҳамекунам, охир, зи ман марав,
Устоди меҳрбони мано, ёвари туям!

Дар Каҳкашони дил, ки тиҳӣ бошад аз фурӯғ,
Монанди нур, ай сафи зулматшикан, биё!
Меҳроби дил турост чу маскан, азизи ман,
Соҳибватан биёву ба сӯйи Ватан биё!

*ш. Маскав,*
*18. 10. 1982.*

## АЛАМИ ЛАЗИЗИ МАН КУ?

Ба саодати дили худ алами лазизи ман ку,
Ки асар кунад ба ҷонам, зи ғами азизи ман ку?!

Сари ман фусурдасар бод ба раҳи висоли рӯяш,
Раҳи ман раҳи хатар беҳ, савари маризи ман ку?!

Чу ба дарди ӯ гудозам, сари ҳар қади намозам,
Биситояму бинозам, ҳадафи тамизи ман ку?!

Зи пиёлаи муҳаббат шиканад пиёлаи ҷон,
Ба шикан – шикан асиру қадаҳи набизи ман ку?!

Тану рӯҳи нотавонам натавонад афтад аз по,
Ба сари рамақ нишинам, мададй ҳафизи ман ку?!

Ба ҷанозаам якояк ба навойи нола гӯянд:
«Суханофарини мо ку, падари азизи ман ку?».

## МУБТАДОЙИ ОЯТИ ИШҚАТ…

Чун ба меҳроби ту моро ҳоҷате дастур шуд,
Дар шаби зулмат китобамро сиёҳӣ нур шуд.

Мубтадойи ояти ишқат ба дил мебофтам,
Моҳи тобон рӯбарӯям бехабар манзур шуд.

Анбиёву авлиё ёдоварӣ медоштам,
Дар ҳади ҷон қоматат чун ҳайкали Мансур шуд.

Шамъи рӯят гашт пайғоми фазойи бахти ман,
З-ин таҷаллӣ коиноти тираам маъмур шуд.

Як ғазал, гуфтам, ки аз боби вафо иншо кунам,
Достоне дар суҳуфи қалби ман мастур шуд…

Нозам аз эъҷозу аз парвози иқболи баланд,
Ай Муфаззал, мавсими ид омаду ғам дур шуд!

## ОЙИНАИ ҶОН…

Сафобахшандаи ойинаи ҷон орзу дорам,
Дар ин зулматсаро хуршеди тобон орзу дорам.

Парешонанд дар ғурбат ҳама ёрони беҳамто,
Рафиқи хушбаёне дар сари хон орзу дорам.

Забони оташи маънӣ найи килкам ҳамебӯсад,
Лаби дарёи девонам найистон орзу дорам.

Чӣ суд аз шаҳриёри ҷилвапардози риёкоре,
Тазарви хушхироме дар биёбон орзу дорам!

Саросар гаштаам ақсои олам, ташна мемирам,
Азеро шабнаме аз барги райҳон орзу дорам.

Баҳорон дидаам дар хобу дар бедории умрам,
Худовандо, мадад фармо, гулистон орзу дорам.

Фароҳам кардаам ҳоле – замин холӣ, само олӣ,
Малоик ҷустуҷӯву арши Кайҳон орзу дорам.

Ба ҷуз хешат намедонад, Аҷамрод, ин шикебоӣ,
Дилогоҳе зи сони мардум – инсон орзу дорам!

*ш. Аммон, Урдун,*
*28.07.1982.*

# ОШИҚОНА

***Шеър зодаи ишқи набавист, ки бо салоҳи холиқ дар шарёнҳо аз азал ҷорист ва ба тобдорӣ булӯрро монаду ба ҳеҷ гуна ранге наёмезад, сафо биёрад ба равонҳо аз алвони таровват…***

## ТУ БАҲОРИ МУШКБЕЗӢ...

Ту баҳори мушкбезӣ, ба баҳори ту бимирам,
Ту замини лолахезӣ, ба ҳазори ту бимирам!

Ба қаламрави ҷаҳонам зи ту хубтар касе нест,
Ту биҳишти атрбезӣ, ба диёри ту бимирам!

Ту набиди ҷонфизоӣ ба шароби нӯши лаълат,
Ту мусаккириву тезӣ, ба хумори ту бимирам!

Ту ғизоли хушхиромӣ, ману хилвати камандат,
Ту чаро зи ман гурезӣ, ба шикори ту бимирам?!

Ҳама инсу ҷинси олам ба суҷуди ман биёяд,
Ту вале ба ман ситезӣ, ба виқори ту бимирам!

Зи фишори сад фишорат ба фишори дил чӣ ҳоҷат,
Ту давойи ҷумла чизӣ, ба фишори ту бимирам!

Зи таомули азизе чу Муфаззалат набирҳо,
Ту азизи ҷони ҷонӣ, ба канори ту бимирам!

*ш. Ҳанновер, Олмон.*
*16.05.2000.*

## ДИЛБАРО, МАҲИ РӮЯТ…

Дилбаро, маҳи рӯят бандаро писанд омад,
Бахти вожгунамро маснаде баланд омад.

Байти абрувонатро хондаму ба дил гуфтам,
Дар баёзи девонам шеъри дилписанд омад.

Ҳалқаи ду чашмонат ҳалқаи дарам бикшуд,
Чун атойи раббонӣ баҳри дардманд омад.

Раҳфитодае будам, соили навоҷӯе,
Омад-омадат гардам, шоҳи арҷманд омад!

Хайрбодам илқо кард яъсу ноумедиҳо,
Мулки пуршикасти дил бо ту бегазанд омад.

Накҳати ту бишнидам, бӯйи гул зи ёдам рафт,
Ҳаббазо чунин накҳат, накҳати сипанд омад!

Ай зи ангабин ширин, то абад маро бигзин,
Ҳоҷии Муфаззал бин, Албурузи қанд омад!

*ш. Мадинаи мунаввара,*
*Саудия, 18.12.2006.*

## АЗ РӮЗГОР ПУРСЕД !

Аҳволи қалби зорам аз рӯзгор пурсед,
Лӯълӯи дидаҳоям аз обшор пурсед!

Савту навойи созам савту навойи нур аст,
Розаш зи ранги субҳу завқи ҳазор пурсед!

Бошад, ки охир ояд ин сардии зимистон,
Дар сардии зимистон аз навбаҳор пурсед!

Ҳайфо, ки барканорам аз бекарона дунё,
Дунёи беканорам аз он канор пурсед!

Боре ба ёр гуфтам сирри дилам ниҳонӣ,
Шарманда гаштам охир, аз ёри ёр пурсед!

То нашканад хуморам, ҳарфе ба кас нагӯям,
Садҳо рақам суханро баъди хумор пурсед!

Як бандаи Худоям, аз оли Мустафоям,
Қурбони раҳнамоям, аз Кирдугор пурсед!

Ман дӯст менадорам мардони зулҷаҳолат,
Тафсири шеъри моро аз шаҳсувор пурсед!

Хоҳад Муфаззал ин дам дасти дуои ёрон,
Аз холиқи тавоно ҳусни барор пурсед!

**Ба сухангӯйи телевизиони**
**тоҷик Саёҳат Неъматова**

***Туйӣ он маҳи нав, ки чун рух намойӣ,***
***Зи ҳар гӯша дасти дуое бароял.***
***Ҳилолӣ***

…Гулбоғи атрафшони дил,
хуррамбаҳори ҷони дил,
Пайғоми дил, султони дил, ай дил,
ба сад дил меравӣ.

Шоҳинаи мулки назар, з-ойинаи нилӣ нигар,
Шамсӣ, надонам ё қамар?
Манзил ба манзил меравӣ.

Ай мавҷи симин, арз кун,
дар марзи тоҷик варз кун,
Авҷи Сурайё тарз кун, нашкаста соҳил меравӣ,

Ай лафзи ширини дарӣ, ҳусне туро ҳусни парӣ,
Лаъли ту лаъли шаккарӣ, гоҳе ки қоил меравӣ.

Фанну зако буномада, дидам тавозун омада,
Маҷнуни мафтун омада, Лайлошамоил меравӣ.

Тӯтии ҳиндӣ дар сухан, оҳанги гуфторат қашанг,
Ҳини такаллум заййи ман савти балобил меравӣ.

Донам, ки чандин дилситон
сайри Саёҳат меравад,
Дилхаста ҳам дил-дилкунон
бо ин салосил меравӣ.

Ҳам дидаву дил пешбар,
ҳам ҷоҳу манзил пешбар,
Вақте ки бо аҳли назар,
ай сарви хушгил, меравӣ.

Назми Аҷам шаҳд асту қанд,
духти Аҷамро меписанд,
Бошад, Аҷамрод, ин паранд
баҳри ту ҳосил меравӣ!..

*ш. Душанбе,*
*28. 03. 1996.*

## ДЕВОНИ ДИЛ

Зи абёте, ки андар мазраат ҷамъоварӣ кардам,
Суҳуфе бастаму «Девони дил» номоварӣ кардам.

Чу байти аввалин савганд дар боби муҳаббат буд,
Ба зар бинвиштаму бар ишқи покат боварӣ кардам.

Ба майдони садоқат лоъибини беадад дидам,
Чу нақши хеш бозидӣ, бароят доварӣ кардам.

Ту моро бо ману мо ошно кардиву беминнат
Ба ғафлатрафтаи ноошно хунёгарӣ кардам.

Зи бас ту шоҳи шоҳонӣ, аё пайванди беҳамто,
Парастишхонаат бигзида, умре чокарӣ кардам.

Маорифпарварӣ омӯхтам дар мактабат, ай ҷон,
Фақирону гадойи бенаворо ёварӣ кардам…

Муфаззал, кишвари ишқат тамошогоҳи олам шуд,
Ба оҳанги дилам бо мағрибиҳо ховарӣ кардам!

## ДАРДЕ, КИ СӮХТ МОРО…

Дарде, ки сӯхт моро, дарди басар набошад,
Оҳе, ки аз дил омад, пайки зафар набошад.

Ин дарди ишқи ёр аст, тоқат куҷо биёрем,
З-ин сӯзи ҷонгудозӣ ӯро хабар набошад.

Тарсам, ки рӯзи фардо исторагон бисӯзанд,
Солест шоми моро, боре саҳар набошад.

Бар аҳли рӯзгорон омад гулу баҳорон,
Лек аз баҳори шодӣ моро хабар набошад.

Ай ҷумла хайрхоҳон, олам назаррабо шуд,
Ҳайфи назаррабоён, моро назар набошад.

Дар сина занги доғаш, дар дидаҳо суроғаш,
Аз раҳгузори боғаш боре гузар набошад.

Ҳам боламу наболам, ҳам ноламу нанолам,
Он боли орзуро кам болу пар набошад.

Дар фурқати висолаш аз ақл бенасибам,
Баҳри Муфаззали мо ин беасар набошад!

## МУАММОЙИ ИШҚ

Ёри ҷонона буданам мушкил,
Дарди ишқаш суруданам мушкил.

Шаб ҳама бо хаёли рӯйи маҳаш
То саҳаргаҳ ғунуданам мушкил.

Лаб ба сурат-ш мезанам ҳар дам,
Лаб ба лабҳош суданам мушкил.

Ӯ, ки шоҳи ман асту ман банда,
Чокари ӯ набуданам мушкил!

Рӯбарӯям дари дилаш барбаст,
Ин муаммо кушуданам мушкил.

Оҳ аз ин рӯзгори беҳосил,
Ҳосили ӯ рабуданам мушкил!

Мушкилиҳост ин чигилро бас,
Ҷумла мушкил шунуданам мушкил.

Кошки менаёмадам ба ҷаҳон,
Одамизода буданам мушкил!

Ман Муфаззал наям, кӣ медонад,
Ҳам Муфаззал набуданам мушкил?!

## КАНОР АЗ РӮЮ АЗ КӮЯТ…

Канор аз рӯю аз кӯят фитодам,
Канор аз хулқи некӯят фитодам.

Чӣ дардеву балое буд, к-охир
Ба баҳри ишқи ҷодуят фитодам?!

Шабон болини хеш оғӯш гирам,
Ки гӯё ман ба паҳлӯят фитодам.

Шукуфо бомдод омад ба номат,
Ба ёди нози дилҷӯят фитодам.

Ҳаме дурдона резад абри гардун,
Зи дида баски лӯълӯят фитодам.

Чаро, ай ошнойи лоуболӣ,
Муфаззал будаму сӯят фитодам?!

Дигар ҳаргиз нахезам то қиёмат,
Ки ман аз тоқи абрӯят фитодам!

## КУЛФАТИ ҶОНАМ НАДОНАД…

Кулфати ҷонам надонад ҷуз сари танҳойи ман,
Зулмати айшам надонад ҷуз шаби ялдойи ман.

Хотири ошуфтаам ҳаргиз насозад хотире,
Ғайри он хотир, ки бошад хотири яктойи ман.

Ғарқи армон андаруни сина дил хун гаштааст,
Кай бибӯсад ғунчаи лабҳои ту лабҳойи ман?

Бо нишоти орзу сайри басотин меравам,
Қомати сарват нашуд дар зиндагӣ ҳампойи ман!

Лутф бинмову биёю манзилам обод кун,
Байни мардум хам нагардад то сари болойи ман!

Осмон бо моҳу хуршедаш маломат мекунад
Ин сари шӯридаро, ай моҳи нурафшойи ман!

Бошад, охир, ҳамнишину ҳамдами розам шавӣ,
То ба кай бошад ба бозори сияҳ савдойи ман?

Ай Муфаззал, бо ғами узлат дилат шодоб кун,
Бас ҳамин инъомҳош аз давлату дунёи ман!

*ш. Брест, Русияи сафед,*
*23. 10. 1985.*

## ДАР КАНОРИ БАҲОРАТ…

Дар канори чу баҳорат, ки хушам меояд,
Бас баҳорест, ки хуррам зи баҳорони дигар.
Ҳаваси айши мудому тарабам меояд,
Чу на авлост бароям ҳавасе болотар.

Интихобам зи бидоят ту будӣ, танҳо ту,
Ман ба олам фақат аз хотири ту омадаам.
Ҳама роҳам ба ҳидоят ту будӣ, танҳо ту,
Ғойибӣ буда, чунин ҳозири ту омадаам.

Дар паси панҷараи додаму додам бо туст,
Тоири қудсаму дар доми бало афтода!
Ёдат ояд магар, ай ёд, ки ёдам бо туст,
Бин, чӣ ҳолест маро, аз ту ҷудо афтода!

Чархи гардон, ки чунин кард маро саргардон,
Ман чунин гардиши паргор нахоҳам ба касе.
Будам аз ҷумлаи соҳибназарони даврон,
Ҳолиё ғамзадаву ҳамдами ҳар хору хасе!

Шукри беҳад, ки ту дар рӯйи замин мегардӣ,
Ман ҳам аз хок бурун, лек ба хок олуда!
Ту азизи ҳамагонию чунин номардӣ,
Ман ба уммеди шабу рӯзи хуши нобуда!

Бош бо ман, зи Худованд магард, ай муслим!
Ин манам – қоимақоми ҳараму дарборат!
Пеши ман саҷда фуруд ор, ки рӯзи маҳшар
Ману ман ҳаст фақат ҳомию ҳам даркорат!

*ш. Ҳанновер, Олмон,*
*10. 07. 2000.*

## ДИЛАМ ОРАМИДАНӢ НЕСТ

Ту мароми ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест,
Маҳи шоми ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест!

Чу сафойи рӯзгорам зи саломати ту хезад,
Ба саломи ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест!

Ба намози субҳу шомам ҳама дам кунам дуоят,
Ки мақоми ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест!

Ту тулӯи офтобӣ, чу ба пешвозат оям,
Лаби боми ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест!

Ту малеҳу ту писандӣ, ту чу ангабину қандӣ,
Чу ба коми ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест!

Ту ғазалсаройи даҳрӣ, ману соқии баёнат,
Майи ҷоми ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест!

Ту маро зи ман раҳо кун, ту маро ба худ гадо кун,
Ки ту роми ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест!

Ба забони назм гуфтам, ки: «Туйӣ равони ошиқ»,
Ба низоми ман набошӣ, дилам орамиданӣ нест!

## АФСОНАИ ИШҚ

Навбаҳор аз бари кошонаи ман мегузарад,
Ваҳ, хушо, дилбари фаттонаи ман мегузарад!

Он қадар сӯз диҳад, соз кучоям бахшад,
Сад ситам аз дили девонаи ман мегузарад!

Ин ачаб, бин, ки маро ҳеч наояд бовар,
Сеҳри чоду зада, чононаи ман мегузарад!

Кош, ду дидаи раҳпойи маро баркандӣ,
Менадидам, ки чу бегонаи ман мегузарад!

Мекушад теғи нигоҳаш мани савдозадаро,
Мотам аз кишвари вайронаи ман мегузарад.

Мебарад ҳамраҳаш овозаи ишқи покам,
Пас ба олам ҳама афсонаи ман мегузарад!

# НАХУСТНОМА
# АЗ БОНУЙИ АЗИЗАМ
# ВА ПОСУХАШ

Яке нома омад зи ҷонони ман,
Хуш омад хабар аз бари ҷони ман.

Чу гул бӯ гирифтам ман аз номааш,
Сано гуфтаме дасти хушхомааш.

Расонида рӯҳам ба авҷи баланд,
Зи пайғом-ш он сарви болобаланд.

Тулӯи саодат бихондам варо,
Басе шукр бурдам ба номи қазо,

Ки бахри мани зору дуру ғариб
Худовандам иқбол дида насиб!

Ки пазмони дидори ӯ гаштаам,
Дил ошуфтаву зори ӯ гаштаам.

Ниҳоли қадаш дар назар омадам,
Маро бар гирифту ба бар омадам.

Хаёлам: бизад бӯсае рӯйи ман,
Даме даст бинҳод паҳлӯйи ман.

Ту гӯйӣ, бирафтам ба хуррамбаҳор,
Ҳамон лаҳза, к-ӯ будам андар канор.

Ҳама шодии олам аз ман будӣ,
Ба гӯшам суруди дилафкан будӣ.

Ҳаме номи ширин-ш такрор буд,
Забон дар даҳонам шакарвор буд.

Сухан чун гуворо бихондам аз ӯ,
Забун гаҳ– гаҳе, лол мондам аз ӯ.

Фиристода дилбар ба ҳоли париш
Яке пора аз он дили реш-реш.

Навишта, ки: «Бе ту рухам зард шуд,
Ҳама зиндагӣ сар ба сар дард шуд.

Чаро боғбонам Яман рафтайӣ,
Кадомин Ирам, ё чаман рафтайӣ?!

Биё, ки шабу рӯзам аз ҳад фузуд,
Ва ё қиссаи мост «Буду набуд?..».

Ҷавобаш навиштам, ки: «Дил устувор
Зи ҳар бешу кам, к-оядат, дур дор!

Расад як замоне, ки сӯят равам,
Бишав интизорам, хушо дилбарам!

Ҷаҳонофаринат нигаҳдор бод,
Муҳаббат мададгори ҳар кор бод!

Зиҳӣ то абад, ай маҳи зарфишон,
Баҳори умедат набинад хазон!

Ту, то ин ҷаҳон ҳаст, поянда бош!
Ҳамеша чу Хуршед рахшанда бош!

«Пазируфтам аз пок яздон туро,
Парастиш кунам аз дилу ҷон туро.

Фидойи ту бошад тану ҷони мо,
Чунин бод то марг паймони мо!»*

*ш. Адан, Ямани Ҷанубӣ,*
*08. 09. 1988.*

*Ду байти ниҳойӣ аз Ҳаким Фирдавсӣ аст.

# МУТАФАРРИҚА

***Мавҷудияти ҳастиро якгуна наофаридаанд, ҳарчанд ҳафтгонаҳойи муаззам – ҳафт гунбад, ҳафт ахтар, ҳафт иқлим, ҳафт дарё, ҳафт рӯз, ҳафт ранг, ҳафт ганҷ ва ҳафтҳойи дигарро дар мунтахаб овардаву ҳама ҷо моҳияти онҳоро ситудаанд, вале аз ойинаи хирад бармеояд, ки кайфияту камияти тобишҳояшон мухталиф буда, беинтиҳойиро касб кардааст, чун худи олами беохир…***

## ҲАЗРАТИ ҚАЛАМ

Рӯйи авроқ нишастӣ, ҳамаро донистӣ,
Ай сиёҳӣ, ту чӣ ҳастӣ, ҳамаро донистӣ?!

Кулли санъат, ки маро Эзиди олам додаст,
Риштаеро нагусастӣ, ҳамаро донистӣ!

Ман талабгор, ки ту ҳилаи ман нашносӣ,
Ним аз он ҳила набастӣ, ҳамаро донистӣ!

Аҳду паймон, ки бурун медамад аз ибриқам,
Ту каси бодапарастӣ, ҳамаро донистӣ!

Чун муаммои сухан масъала пешат кардам,
Мавҷ аз мавҷ бирастӣ, ҳамаро донистӣ!

Як ишорат ба нигаҳ сӯйи само овардам,
Теғи чашмам нашикастӣ, ҳамаро донистӣ.

Пеши рӯят ҳама лутфам нанамоям гуфтам,
Аҳли қудсӣ, на зи пастӣ, ҳамаро донистӣ!

Мулки маънӣ наравад бе ту Муфаззал ҳаргиз,
Нозанино, чу ба дастӣ, ҳамаро донистӣ!

*ш. Маскав,*
*10. 04. 2002.*

## ҶАНОБИ СУХАН

Агар бо Сухан розам ифшо надорам,
Ту гӯйӣ дар ин хок маъво надорам.

Фурӯғи хирад бе Сухан тира гардад,
Маҳе пушти абрам, ки симо надорам.

Ба олам ҳама офариниш бубинам,
Басирам, вале чашми бино надорам.

Намозам ба саҷҷодаи зар гузорам,
Худо кай пазирад, мусалло надорам!

Фақирам, агарчи ба сурат кабирам,
Дилу ақлу завқи таманно надорам.

Бихонӣ парешон маонӣ, бидонӣ:
Китобам, вале сабку имло надорам!

Замоневу давру фазои мусалсал,
Ва дирӯзу имрӯзу фардо надорам!

Наҳангам, палангам ва ё мавҷи Гангам,
Бару буму баҳреву дарё надорам!

Нажоди сапедам ва ё насли зангӣ,
Ба худ одамиро муҳайё надорам!

Агар зиндаам, бадтар аз мурда бошам,
На дорулфано, балки уқбо надорам!

Ҷаноби Сухан бошадам ганҷи ҳастӣ,
Ҷалолатмаобам, ки ҳамто надорам!

*ш. Ереван, Арманистон,*
*12. 07. 2003.*

## БА ЁДИ РӮЗИ НАВ…

Ба ёди Рӯзи нав фасли баҳорон дӯст медорам,
Туфайли ашки гулҳо резаборон дӯст медорам.

Баҳоронро ба оғӯшам бигирам, то дар оғӯшаш
Даме осуда бошам, сабзазорон дӯст медорам.

Либоси махмали ахзар ҳама кӯҳу даман дар бар,
Ман ин рангу ҷилойи кӯҳсорон дӯст медорам.

Машомамро муаттар менамояд боди гулбезаш,
Чунин гулбезию гулрезӣ аз ҷон дӯст медорам.

Ба паҳнои замин хушранг гулҳо руста менозанд,
Ба рӯйи обҳо нилуи рақсон дӯст медорам.

Кушуда миллаҳояш беди маҷнун чош медорад,
Варо чун дилбари кокулпарешон дӯст медорам.

Муборакбодию идии ёрон нашъаҳо дорад,
Ман ин сон дӯстии дӯстдорон дӯст медорам!

## ДАР ТАНГНОЙИ ҲАСТӢ…

Дар тангнойи ҳастӣ дунё ба мо расида,
Сарчашма нодамида, дарё ба мо расида.

Урёну бе ҳадоё, дасти тиҳӣ ба олам
Пайдо шудему фавро пайдо ба мо расида.

Чун сарбасар ба сар шуд айёми ноумедӣ,
Имрӯз ногузашта, фардо ба мо расида.

Дар кӯраи муҳаббат нопухтаем, аммо
Маҷнун нагашта боре, Лайло ба мо расида!

Бас донаҳо бичидем аз хирмани маонӣ,
Дар сурати қаландар Доро ба мо расида!

Ай ёри баргузида, ай нури ҳар ду дида,
Ёрӣ ато намудӣ, ёро ба мо расида.

Аз қайди ҳар шигифте мебидҳамат раҳойӣ,
Шукри Муфаззал охир, мавло ба мо расида!

# МУХАММАСИ ҶАВОБИЯ БА НОМАИ ПАДАР

Чу дар дил орзуйи дидани рӯйи падар омад,
Зи ҷӯйи дидаам селоб аз мағзи ҷигар омад,
Маро дар мулки ғурбат рӯзгороне ба сар омад,
Даруни синаи ғамхона ғамҳойи дигар омад,
Зи муштоқӣ ба чашмам сурати он хушназар омад!

Ба рӯйи осмонам хури яктоям падарҷонам,
Миёни анҷуманҳо маҷлисороям падарҷонам,
Ҳабиби Хизросо пири барноям падарҷонам,
Зиё аз дида резад, нурполоям падарҷонам,
Сафойи зиндагӣ аз зарраи нури падар омад!

Туфайли меҳри ӯ илму адабро пеша варзидам,
Зи ақсойи ҷаҳон бас донаи умед барчидам,
Билоди Шому Бағдоду Яманро сарбасар дидам,
Ба ҳар ҷо бо дуои хайри ӯ худ босамар дидам,
Зафарҳову сари болоям аз хайри падар омад!

Тариқи дӯстдорӣ бо азизон ҷумла пандам дод,
Китоби ростӣ бинвишту дарси судмандам дод,
Зи боғи маърифат бас меваҳойи дилписандам дод,
Забони тоҷикӣ андӯхт – теғи бегазандам дод,
Кунун устодаму устодии ман аз падар омад!

Расад рӯзе, Муфаззал аз Адан парвоз мегирад,
Ба сӯйи деҳаи Нигнот роҳаш боз мегирад,
Ба шодиҳо падарҷонаш варо дамсоз мегирад,
Суруди меҳри фарзандӣ зи нав оғоз мегирад…
Писар аз нав, сари боло дар оғӯши падар омад!

*ш. Адан, Ямани Ҷанубӣ,*
*28. 03. 1989.*

## СУРУДИ ФАРЗАНД

Ай модарам, бақоям, сарчашмаи вафоям,
ҳодию раҳнамоям,
умрат дароз бодо!

Ай рӯҳаму вуҷудам, ҳам будаму набудам,
рӯ бар ту дар суҷудам,
умрат дароз бодо!

Ай соҳиби каромат, ай ҳомии амонат,
ай маншаи саодат,
умрат дароз бодо!

Ай нури ҷоҳу манзил, дар як дили ту сад дил,
аз оқилон ту оқил,
умрат дароз бодо!

Ай ишқи лоязолӣ, пайваста дар хаёлӣ,
бо ман ту безаволӣ,
умрат дароз бодо!

Ай шамси ховари ман, моҳи мунаввари ман,
дунёи ахтари ман,
умрат дароз бодо!

Ай шодии ҳазорам, Наврӯзи навбаҳорам,
ҳам авҷаму барорам,
умрат дароз бодо!

Ай субҳи босафоям, ай созаму навоям,
дастури муттакоям,
умрат дароз бодо!

Ай мардуми басарҳо, наззораи назарҳо,
ҳастӣ ту тоҷи сарҳо,
умрат дароз бодо!

Ай шодию тарона, ай ҳомии замона,
баъди Худо ягона,
умрат дароз бодо!

*ш. Амстердам, Ҳолланд,*
*08.10.2000.*

## БАҲОР

Ту сафобахши рӯзгоронӣ,
Модари файзу дасти эҳсонӣ!

Бо ҳама лутф мекунӣ бедор
Баҳру барро зи хоби тӯлонӣ!

Баски ҷонпарварию рӯҳафзун,
Бар наботу ҷамод дармонӣ!

Кӯҳу ҳомун ба махмал оройӣ,
Бо насимат тарона мехонӣ!

Абри мину ба гиряи ширин
Дур бирезад – сиришки боронӣ!

Дар паси пардаҳои боронат
Хайли ашҷор – наварӯсоне.

Гоҳи дигар, ки чеҳра бинмояд
Хури олам чи партавафшоне?!

Мавҷи тирукамон ҳамепечад
Зарду сурху сафеду қаҳвонӣ!

Ғунча лабро кушояду хандад,
Гӯиё, мекунад ғазалхонӣ!

Булбулон базми шодӣ ороянд,
Дар басотин чӣ шӯру афғоне?!

Ошиқон рӯйи доманат рақсанд,
Ваҳ, чӣ хуш, ту шикасти армонӣ!

Бо қудумат ба кулбаҳо ояд
Иди Наврӯз баҳри меҳмонӣ!

Марҳабо, мавсими тароватҳо,
Рӯзҳои хуши баҳоронӣ!

*ш. Маскав,*
*16.04.1988.*

## МАРСИЯ ДАР СӮГВОРИИ ҚИБЛАГОҲАМ – ҲОҶИАКБАР МУРТАЗОИ НИГНОТӢ

***Сарви болойи ту дар хок, дареғо падарам,***
***Зери хок ин гуҳари пок, дареғо падарам!***
***Ҷойи он буд, ки ҷойи ту бувад дидаи мо,***
***Ёфтӣ ҷой дар афлок, дареғо падарам!***

Чароғони саодат сӯхт дар қалби мани мискин,
Зи маргат ханҷари тезе расида бар тани мискин,
Ба хуноби ҷигар гулгун шуда пироҳани мискин,
Фалак дар рӯзи рӯшан тирагун аз шевани мискин!

Чунин пайванди ҷону ҷони ҷоне аз куҷо ёбам?!
Чунин фархундаю фаррухнишоне аз куҷо ёбам?!
Дареғо, ҳасрато, дардо, падарҷонам, падарҷонам!

Зи маргат, ай падарҷон, осмон мурдасту ман мурдам,
Гулистону баҳору бӯстон мурдасту ман мурдам,
Маҳу хуршеди арши бекарон мурдасту ман мурдам,
Ҳама оғозу анҷоми ҷаҳон мурдасту ман мурдам!

Чунин соҳибдилу соҳибқироне аз куҷо ёбам?!
Чунин олимақому олишоне аз куҷо ёбам?!
Дареғо, ҳасрато, дардо, падарҷонам, падарҷонам!

Азизи анҷуманҳо будию аз анҷуман рафтӣ,
Сафар кардӣ зи дунёи фано, аз хештан рафтӣ,
Чӣ бошад чораи бечорагон, аз мову ман рафтӣ,
Биҳишти ҷовидоният бихоҳам, аз Ватан рафтӣ!

Чунин озодаи озодагоне аз куҷо ёбам?!
Чунин осудаи осудагоне аз куҷо ёбам?!
Дареғо, ҳасрато, дардо, падарҷонам, падарҷонам!

Фурӯғи зиндагӣ дигар насиби ман намегардад,
Касе монанди ту ёру ҳабиби ман намегардад,
Миёни ҷамъаму фарде қариби ман намегардад,
Худовандо, Масеҳоям табиби ман намегардад!

Чунин як зиндае аз зиндагоне аз куҷо ёбам?!
Чунин алломаи ширинзабоне аз куҷо ёбам?!
Дареғо, ҳасрато, дардо, падарҷонам, падарҷонам!

Муфаззал, андалеби боғи ҳиҷрони падар гаштӣ,
Муфаззал, бенавою шамъи гирёни падар гаштӣ,
Асири кунҷи зиндони ғамистони падар гаштӣ,
Падар гум кардайӣ имрӯзу ҳайрони падар гаштӣ!

Чунин волосиришти меҳрубоне аз куҷо ёбам?!
Чунин хуррамбиҳишти ҷовидоне аз куҷо ёбам?!
Дареғо, ҳасрато, дардо, падарҷонам, падарҷонам!

*ш. Душанбе,10. 12. 2001.*

# ҒАЗАЛИ ҒАРИБ
## Назира бар ғазали Хоҷа Камол

Дил ба сӯйи модари ҷон асту ман ин ҷо ғариб,
Чун кунад бечораи дил бо мани танҳо ғариб?!

Орзӯманди висоли модару ёрони хеш,
Дар Яман то чанд гардам бе сару бе по ғариб?!

Рӯзгоре бар сарам афтода аз бечорагӣ,
То ба кай бечорагӣ бошад насиби мо – ғариб?!

«Чун ту дар ғурбат наяфтодӣ, чӣ донӣ ҳоли мо,
Меҳнати ғурбат надонад ҳеҷ кас, илло ғариб».*

Ҳар касе бо дӯстонаш шоду хуррам будааст,
Ман ҷудо аз дӯстонам бо сари якто ғариб!

Дар парешонӣ чу регам дар биёбони Араб,
Ҷамъ гардонӣ, Худоё, ақрабоям бо ғариб!

Аз ғарибиҳо саломат боз овар бар Ватан,
Кирдигоро, во ғарибӣ, во ғарибо, во ғариб!

*ш. Адан, Ҷумҳурии Яман,*
*21. 11. 1989.*

* Байт аз Хоҷа Камоли Хуҷандист.

## ДИЛЕ ХОҲАМ…

Диле хоҳам, ки бошад дилпазиро,
Буте ҷӯям, ки бошад беназиро!

Яке сайёд мехоҳам ҳунарманд,
Ба дасташ гирадам, илло ба тиро!

Гадоёни раҳи маънӣ парастам,
Ки гардам дар раҳи маънӣ амиро!

Ҳақирон дӯст дорам, то мабодо,
Худовандам нагардонад ҳақиро!

Дусад нафрин ба баъзеи нафарҳо,
Ки нашносанд сӯзе аз нафиро!

Амонатро ҳар он, к-ӯ дорад эмин,
Бувад покизаимону кабиро!

Мунаввар бод устоде, ки бар мо
Ҳидоят кард роҳеро мuниро!

Бисӯзам кӯҳнаколои суханро,
Бипӯшонам қабое оҳариро!

Ба таҳрир оварам девони фитрат,
Муносиб дида тақдирам дабиро!

Муфаззал, родмардиҳо масират,
Вале номардро дасте магиро!

## ХАНДА БИЗАН БА ОЛАМАМ…

Ханда бизан ба оламам, олами ман чӣ оламе?!
Аҷзу ниёзи ман бибин, ҳолати ман, чӣ ҳоламе?!

Байни касон басе касон айшу сурур мекунанд,
Хушдилии мутантане бо дафу дан, чӣ ло-ламе?

Ӯ ба ҷилои субҳдам зулмати шаб гусастааст,
Фоли варо кушуда ман, моҳиятан, чӣ фоламе?!

Нолаи нойи Мавлавӣ мешунавам зи ҳар даре,
Лаҳҷаи нойи ман шунав, пеши заған чӣ ноламе?!

Қолу мақоли бандагӣ аз ҳадасе бигӯямат,
То шунавӣ ба як даҳан лутфи сухан, чӣ қоламе?!

Чун зи алиф гузар кунам, то бирасам ба мими ӯ,
Роҳати боли ман бибин рӯйи чаман, чӣ боламе?!

Ман ба самоъ рафтаам, сомиъаи ту дар куҷо,
Асъила не, суолаке масъаларо чӣ соламе?!

Моли ман аст ин ғазал, кист миёни ағниё,
Вирди забони анҷуман ту, ё ки ман, чӣ моламе?!

## БИЁ, БОҒБОНО!

Биё, боғбоно, наво соз кун,
Суруди баҳори нав оғоз кун!

Ки Наврӯзи фархундарӯ даррасид,
Сано бар Худованд иброз кун!

Тафаққуд бифармо ба бустонсаро,
Ба сеҳри нафас ғунчаҳо боз кун!

Чаман гашт зебою доруссурур,
Маро бо гулу сабза ҳамроз кун!

Арӯсу арисон бигӯ: «Марҳабо»,
Гилеми гулобӣ паяндоз кун!

Биёрой як маҳфили дилнишин,
Ҳабибони дерина дамсоз кун!

Даме соқию мутрибе баргузин,
Биёру бад-ин хуррамӣ ноз кун!

Майи арғавонӣ бидиҳ ҷумларо,
Равонофарин базми мумтоз кун!

Ба алҳони мурғони рангобаранг
Сатою дафу чанг анбоз кун!

Муфаззал ғазал гӯядат нав ба нав,
Варо бо сахоят сарафроз кун!

Биё, боғбоно, наво соз кун,
Суруди баҳори нав оғоз кун!..

*ш. Панҷакент.*
*21.03.2005.*

## КОХИ Ӯ ЁДГОР МЕМОНАД

Шеъри Лоиқ шиор мемонад,
Шӯҳрати ин диёр мемонад!

Дар самовоти беғубори назм
Бемуҳобо, мадор мемонад!

Дар Душанбею Кобулу Теҳрон
Мустадом интишор мемонад!

Меҳри машъалфурӯзи ин нобиғ
Дар дили сад ҳазор мемонад!

Дода доди сухан чу Фирдавсӣ,
Кохи ӯ ёдгор мемонад!

Худ парешон буд аз парешонӣ,
Рамзи марди баор мемонад!

Шоири сарсупурдаи миллат
Боиси ифтихор мемонад!

Дарди миллат агарчи ӯро кушт,
Зиндае бовиқор мемонад!

Сарбадорони мо намемиранд,
Рӯҳашон барқарор мемонад!

Шеъри Лоиқ, ки ормони мост,
Солиёни ҳазор мемонад!

Минбаре ҳам зи адлу инсоф аст,
Дар раҳи ҳақ ба кор мемонад!

Дар Самарқанд тоҷикӣ гум шуд,
Қанд дар Қандаҳор мемонад!

Тоҷики Марв тухми анқо шуд,
Тоҷик андар Тахор мемонад!

Гар Бухоро бухор аз мо шуд,
Панҷаканту Ҳисор мемонад!

Суғду Хатлону Помиру Раштон,
Панҷрӯду Мазор мемонад!

Шеъри Лоиқ тараннуми ишқ аст,
Чун хумори баҳор мемонад!..

*ш. Панҷакент,*
*20.05.2006.*

## Ё РАҲМАТАН ЛИЛОЛАМИН

### Тақдим ба набераи нахустин ва дорандаи номи падарам – Муртазо

Аз ёдҳо азёдҳо мегӯямат, ай Ҷонато,
Ин ҳалқа бар гӯшат бизан, шоҳаншаҳи давронато!

Аз додҳо бедодҳо ҳаргиз масозӣ пешаат,
Шукронаи инъом кун, дасти дуъо инъомато!

Аз бодҳо бебодҳо мапсанду родӣ интахаб,
Як шаҳсувори бодпо бе дасту по акдомато!

Ҳақдоди ман, дилшоди ман,
имдоди ман, эҷоди ман,
Ҳақгӯй шав, ҳақҷӯй шав, дар ростӣ бебокато!

Хоҳӣ, ки доное шавӣ, дунёи дун адно бидон,
Донистани дуну данӣ касро кунад волоято!

Чун нахли пайванди манӣ, аз нохалаф ибъод кун,
Дар рӯбарӯ бинӣ агар, аз ӯ ҳазар бероято!

Бархе балохезанду бас, бо мардуми хуб ёр шав,
Ту марди майдон мешавӣ, мардонато, майдонато!

Аз дур бин, аз нур бин, бо арзи дил манзур бин,
Илми маъониро гузин, дар ҳар кучо икболато!

Андар хароботи муғон илҳоқ кун бо ростон,
Мастона гардӣ бегумон, ё ҳаббазо мастонато!

Ду ҷуръае з-он май бичӯ, то ҷуръаҳо гардида ҷӯ,
Дарё шавад бе гуфтугӯ, дарёи пуртуғёнато!

Ғаввос шав, дарё бирав, ҳикмат зи ҳар мавҷе шунав,
Лӯълӯи маънӣ нав ба нав, марвориди лолоято!

Паҳнойи шеъри Рӯдакӣ азбар намо аз кӯдакӣ,
Ҳайратфизо гардӣ яке, шоир шавӣ, ҳайронато!

«Шаҳнома»-и Тӯсӣ бихон,
«Қонун»-и Синоро бидон,
Дар шаҳраҳи давру замон мебахшадат имдодато!

Бар баҳра аз «Бӯстон»-саро,
бар «Гулситон»-аш медаро,
Булбулсифат – саъдинаво…
шӯре ба ҳар бӯстонато!

Ҳофиз ба худ ҳамроз гир, аз сози фолаш роз гир,
Аҳли биҳишт анбоз гир аз ҷумлаи риндонато!

Он хаймадӯзи пирро, Хайёми хуштаъбирро,
Андӯзи сад тадбирро мехон, ки бобу нобато!

Донӣ, чӣ бошад авлавӣ?! Дарёб лутфи Мавлавӣ,
Қурсе бигир аз «Маснавӣ», кӯҳе шавад тиллоято!

Аз қалби Бедил мегузар, кӯшову оқил мегузар,
Кардӣ чу дарк аз ӯ гуҳар, рифъат барӣ болоято!

Ҷаҳде ҳамекун дар висол, бо шайхи ориф, бо Камол,
Эзид расонат бар ҷалол, шукри Худо икмолато!

Туғрал ҳам аҳли авлиё, гулбоғи ирфонаш биё,
Ҷавлонгаҳе то кибриё, бинӣ хушо ҷавлонато!..

Бобойи худро инчунин з-ин порсоҳо кам мабин,
Ё раҳматан лилъоламин, ҷону дилам қурбонато!

*ш. Душанбе,*
*22.09.2007.*

## МУСАЛЛОИ ХУРШЕД

Дило, Каъбае дар равонам туӣ,
Мусаллойи хуршеди ҷонам туӣ!

Сано хонамат, ай атои Худо,
Ки нерӯсаройи тавонам туӣ!

Тирозанда шоҳӣ маро дар вуҷуд,
Ба ин сарзамин посбонам туӣ!

Матое гаронмоя набвад чунин
Ба бозори олам, ки онам туӣ!

Ба ҳайрат нишонӣ назирони ман,
Ки гавҳарфурӯши ҷаҳонам туӣ!

Таҳаммулпазирӣ ба ҳар дарду ғам,
Ҳакимӣ, каримӣ, амонам туӣ!

Ба хилватгаҳи кӯчакат дидаам,
Замину замону маконам туӣ!

Яке пурталотум ба зарфи танам
Чӣ баҳре, азиму дамонам туӣ!

Басо дида оташгаҳи зиндагӣ
Сипоҳе баномус, донам, туйӣ!

Туро мешиносам чу душманшикан,
Таҳамтанфару қаҳрамонам туйӣ!

Зи гумгаштаҳо в-аз баёну каён
Нишони падар дар нишонам туйӣ!

Ба ҷонам дамад субҳи содиқ зи ту,
Ки фонуси партавфишонам туйӣ!

Ҳунарманд – мирзойи мониқалам,
Нигорандаи достонам туйӣ!

Аёнӣ ба пиндору гуфтори хуш,
Ки саррофи ганҷи ниҳонам туйӣ!

Кушояндаи ҳар муаммойи ман,
Шукӯҳовари хонадонам туйӣ!

Туро месазад ҳар чи воломақом,
Ҳамонат бихонам, ҳамонам туйӣ!

Дило, каъбае дар равонам туйӣ,
Мусаллойи хуршеди ҷонам туйӣ!

*ш. Маккаи мукаррама,*
*Саудия. 04.01.2007.*

# ТАРОНАҲО

***Чаҳор ҷӯйи мавзун, ки дар равзаи адабиёт паҳлӯ ба паҳлӯ садсолаҳо ҷориапд, орамидан нест дар суннаташон… Сарчашма мегиранд аз кавсари андешаҳо… Чун бархеро таровате дорад таронааш, ба уқёнуси маъонӣ мерезад, вагарна тиҳист аз ин хосият, мехушкад раҳорах…***

Имшаб, ки чароғи чашми шӯху ҷодут
Меҳмони азизи хонаи дил гаштаст.
Аз нури чунин мӯъҷизаи Эзиди пок
Равшан ҳама фаршу арши манзил гаштаст!

* * *

Дастам чу ба себи боғи ӯ мебурдам,
Ҳаққо, ки ба ҷониби сабӯ мебурдам!
Аз шавқи зиёди майи хушранг сабӯ,
Осема шуда, зуд фурӯ мебурдам!

* * *

Он раҳ бигузин, ки бо ту раҳбар бошад,
Бероҳа марав, агар туро зар бошад!
Боло чу бирафт оби рӯд аз зону,
Ҳаргиз магузар, ки доманат тар бошад!

* * *

Пайғамбари ман – ишқ маро ёрӣ кард,
Пайваст ба ҷонону накӯкорӣ кард.
Пас ишқу вафо камоли нав дод маро,
Бо хомаи шоирӣ вафодорӣ кард.

Тарабро сад адое дар вуҷудам,
Чу бинам он ниҳоли хушнамудам.
Бувад давлатпаноҳу мӯниси ман,
Ба пойи қоматаш сар дар суҷудам.

* * *

Моем сафина дар миёни дарё,
Дарёст пурошӯбу карон нопайдо.
Пайдо машав, ай карона, дар чашми замон,
Моно, ки зи ту равем, монӣ танҳо!

* * *

Сармастаму махмураму дилношодам,
Бе рӯйи ту, ай санам, зи сар озодам!
Озодасарам, ду дида пур аз обам,
Пуроб ду дида, кай кунӣ шодобам?!

* * *

Пайдо гаҳаму гаҳе чӣ нопайдоям,
Бар ҳусну ҷамоли дилбаре шайдоям.
Аз олами кӯдакӣ чу растам, ба Худо,
Маҷнун нашуда, ман ошиқи Лайлоям!

Гули яктойи ман рӯйи ту бошад,
Дили пазмони ман сӯйи ту бошад!
Ба уммеде ҳазорон гул бибӯям,
Ки шояд дар миён бӯйи ту бошад!

* * *

Занҳо, ки музореъи бани инсонанд,
Меъмори асосии ҳама айвонанд!
Дар поси муҳаббат зи ману мо боло,
Мардонасифат, мардтар аз мардонанд!

* * *

Ишқ бе зан бепаноҳ аст,
Ишқ бе зан гарди коҳ аст!
Ишқ бе мард иштибоҳе,
Мард бе зан рӯсиёҳ аст!

* * *

Дар нӯки забони хома, ки бишкастаст,
Гуфтори адиби мӯътабар пинҳон аст.
Нанвишта агарчи монд, гум менашавад,
Дар батни замини тира зар пинҳон аст!

Нокас нашиносад одаму оламро,
Бӯзина шуморад каси исодамро.
Охир ба балои бад гирифтор шавад,
Гар пири худаш бихонад ӯ Ҳотамро!

* * *

Садоқат парчами меҳру вафо бод,
Рафоқат ҳамраҳи халқи Худо бод!
Хушунат сарнагун бодо ба гетӣ,
Хусумат мубтало боду фано бод!

* * *

Басо ганҷе, ки бодовард бошад,
Набошад ганҷ, ранҷу дард бошад!
Адаб омӯзад инсони худогаҳ,
Агар некӯсириშту мард бошад!

* * *

Туфайлии касон ар нокас омад,
Зи ин дарё ҳазар кун, бо хас омад!
Ҳамебезаш ба парвезан, ки обаш
Ба як хас омаду як хас бас омад!

Амонатро хиёнат маслиҳат нест,
Замонатро амонат маслиҳат ҳаст!
Садоқатро разолат маслиҳат нест,
Разолатро адоват маслиҳат ҳаст!

* * *

Ғанимат шумар марди равшангуҳар,
Ки тобанда бошад чу нури саҳар!
Варо, то тавонӣ, ба сар тоҷ кун,
Бигардонат ин тоҷ бологузар!

* * *

Мусаллойи Хуршед ҷӯё шавӣ,
Музофоти мардони доно бирав!
Насимаш наъим асту роҳатфизо,
Биё бе дарангеву бо мо бирав!

* * *

Ҳар кас, ки қалам ба даст андеша занад,
Ҷаҳде кунаду ба ростӣ пеша занад.
Росихқадам ар бувад, муҳобо нашавад,
Дар боғи биҳишти илму фан реша занад!

Шеъри ман хушнамо фарас бошад,
То ба манзил расонадам ҳар рӯз.
Гоҳи дигар яке ҷарас бошад,
Бахшадам дарду оҳи оламсӯз.

* * *

Мусаххар дилу дину ойини ман
Ҳамоне бисозад, ки мавло бувад!
Ба сони бузургони шеъри Аҷам
«Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад!».

* * *

Ҳар андешае, к-оварам дар сухан,
Ҳувайдову пинҳону бемакру фан.
Сараввал гузорам ба таҳқиқи дил,
Ки рӯзе ба ораш набошам пакан.

* * *

Аз сӯҳбати орифон дил барнакананд,
К-ин тоифа кошифи биҳори гуҳаранд.
В-ин мансаби олӣ нарасад бар ҳама кас,
Илло ба ҷамоате, ки болоназаранд.

Ҳисоби орифон нойӣ, азеро
Забони ғунчаҳойи гул надонӣ!
Қатори ошиқон машмор хешат,
Мақоми нолаи булбул нахонӣ!

* * *

Аё шеъри Аҷам, ишқи муалло,
Зи ту сарчашмаи пиндор дар ҷӯш!
Аҷамродам ту кардӣ, офаринат,
«Садаф гардид бо гавҳар ҳамоғӯш».

# ПИНДОРҲО

***Манзари андеша аз рангу ҷило ва моҳияти ашё сурат меёбад ва ҳар офаранда онро мутобиқи ҷавҳари фаросати хеш сайқал медиҳаду пешкаши иштиёқмандон мегардонад. Ҳамон манзарро вақте биписанданд роғибон, агар аз он ба дараҷаи дунёшиносишон чизе судманд бардошт намоянд ва хосатан қиматаш бияфзояд дар ҳоле, ки равонпарвару фаросатофарин бошад…***

Ошиқро базми тараб ба ваҷд овард. Ӯро лаҳзае тараннуми рӯҳафзои муғаннӣ ба авҷи кибриёи саодат мебаровард ва гоҳе нолаи ҷонгудозаш мустағриқи дарёи тахайюлот мекард. Чун ҳофиз мисраи ***«Аз гул пиёла соз, ки лаби ёр нозук аст »***-ро пурсӯзусоз бархонд, дар қалби ошиқ нияте падид омад, ки ин «ҳидоят»-ро ба татбиқ бирасонад. Бо ҳамин мақсад ӯ озими чаман шуд, то барои маъшуқ аз лола пиёлае баргирад…

Ошиқ ба лолазор расид, чун бо чашми дил ба паҳнои лолаҳо назар андохт, бидид шукӯҳи бемисоле:

***Аз ҷунбиши боди саҳаргоҳ лолаҳо***
***Бар якдигар заданд чу мастон пиёлаҳо…***

ва худро дар хароботи сеҳрбори «муғон»-у олами самоъи латофату назокат дарёфт. Базми лолаҳо аз базми ушшоқ пурхурӯштар шукуфтан дошт...

Ошиқи ҳайразада мақсади асосии худро аз ёд бибурд…

* * *

Замин ларзид… Гӯё, бо ин амал ба инсонҳо гуфт: «Фаромӯш накунед, ки Шумо, ҷанобон, бо ин ҳама назокату ғуруру салобат бори шонаи ман ҳастед! Тавонам Шуморо маҳв бисозам, агар Шумо ба ман саҳвро раво бинед! Огоҳ бошед ва доираи мувозинатро халал напазиред, ки ман низ нозукам, аз Шумо нозуктар! Аз худ маравед!..

Ба даркатон бирасонам, ки ман як кавне дар Коинот муаллақам. Худо накарда, ба ҷонам расонед, дар он сурат замонати осоишро аз ман интизор набошед, зеро замонати ман аз замонати Шумо бармеояд!»

* * *

Зулмати шаб фаро расид. Ба фонус эҳтиёҷ омад. Онро фурӯзон гардонданд. Посе гузашт. Равғани фонус тамом шуд аз сӯхтан. Ӯ бимурд. Шамъ афрӯхтанд. Ба фонус эҳтиёҷ намонд.

Ногаҳ чароғи барқӣ мунаввар гашт. Шамъро куштанд. Ба шамъ эҳтиёҷ намонд.

Субҳ даррасид. Чароғро куштанд. Ба он ниёз намонд.

Хуршед баромад. Субҳро кушт. Ба субҳ низ эҳтиёҷ намонд…

Чунин аст русуми гардуни гардон дар азалияти беинтиҳоӣ.

* * *

Дар русто марде мезист ҳушманду закӣ. Абдухалил буд ӯро ном. Вале бо сабаби донишсолорияш мардум ба ӯ лақаби Хирадмандро дода буд ва эҳтиромашро ба ҷо меовард. Хирадманд дар рафтору гуфтор бо ҳама фирқаҳо яксон буд, чӣ бо некхисолон ва чӣ бо бадхӯён.

Замиле аз роҳи кунҷкобӣ, боре аз ӯ суол кард:

– Устод, бо ин ҳама заковат, ки дар табиати шумост, чаро ҳикмати ***«Бо бадон бад бошу бо некон накӯ»***-ро ба инобат намегиред?

Хирадманд дар ҷавоб гуфт:

– Ман он ҳикмат, ки гуфтӣ, ба қадри бардошти фаросати хеш бифаҳмам, на бо мағзи ту. Огоҳ бош, ки ***«Бо дӯстон муруввату бо душманон мадоро»*** низ гуфтаанд. Агар бадкирдорро ҳушёрона ба тасарруфи созандаи худ дарорӣ, бигзорад дигар хисоли бадашро ва Худованд подоши амали хайратро бидиҳад:

***Ту некӣ мекуну дар Даҷла андоз,***
***Ки Эзид дар биёбонат диҳад боз!***

* * *

Ҷавонони русто маҳфили шукӯҳ оростанд. Ду-се тан мӯйсафед ва Хирадманд низ дар ин тадбир ҳузур доштанд. Посе нагузашта, маҳфил ба базми осмонкаф мубаддал гардид. Гурӯҳе аз ҷавонон як тан мӯйсафедро ҳалқа гирифтанд, ки

дар майдон мерақсид. Мӯйсафед, ки сархуш буд, бо тамоми «маҳорат» ҳунарашро нишон медод. Баногоҳ ӯ бо бинии хуншор аз давра берун омад.

Ҷавоне, ки дар паҳлӯйи Хирадманд менишаст, худ ба худ «Оббо, кори хуб нашуд» гӯён афсӯс хӯрд.

Хирадманд ин ҳарфро шуниду афзуд:

– Бисёр кори хубе анҷом гирифт. Ҳаминро гӯянд ***«Пирию хартозӣ!».***

* * *

Дар расми ифтитоҳи як чорабинӣ ба мансабдоре сухан доданд. Ӯ ба минбар баромаду бо виқори ба худ хос вазъе намуд номавзуну тӯлонӣ. Аз ин ҳолат табъи Хирадманд тира гашт. Пас рӯ ба дигарон оварду гуфт:

***Оташе дар дегдон мебоядаш,***
***То зи равзан дуд берун оядаш.***

* * *

Шогирд аз Хирадманд суол кард:

– Устод, Шумо фармудаед: «Сухан бояд пуршӯру оташин бошаду маҳфилҳоро биорояд». Магар сухан оташин мешавад?

– ***Ғуломи он калимотам, ки оташ афрӯзад!..*** – гуфт дар посуху оҳ кашид Хирадманд, вале чизи дигаре бар илова наовард.

* * *

– Устод, дар китоб омадааст, ки…

– Чӣ омадааст?

– Омадааст, ки.., омадааст, ки… Бубахшед, ба хотирам наомад.

– Хайр, бахшидам, вале:

***Сад хона китоб хондию дар ёдат нест,***
***Бояд ки китобхона дар сина бувад!***

* * *

– Устод, Шумо дар суханронииатон таъбирҳои «шеъри орифона», «ойинаи қудсӣ», «каломи малакутӣ», «мутафаккир» ва боз ким-чиҳои дигар гуфтед. Ман чизе аз он нафаҳмидам. Батафсилтар маънидод мекардед гуфтаҳоятонро…

Хирадманд аз ин густохии шогирд наранҷида, масрурона иброз дошт:

***Чу бишнавӣ сухани аҳли дил,***
***магӯ, ки хатост,***
***Суханшинос найӣ, ҷони ман,***
***хато ин ҷост!***

– Кунун фаҳмидӣ?

– Қариб,– ноустуворона ҷавоб дод шогирд.

Хирадманд дастури Ҳаким Фирдавсиро илова намуд:

***Туро донишу дин раҳонад дуруст,***
***Раҳи растагорӣ бибояд-т ҷуст!***
***Ба гуфтори пайғамбарат роҳ ҷӯй,***
***Дил аз тирагиҳо бад-он об шӯй!***

* * *

– Устод, таъбири «***Дар ҳайратам зи дӯст, ки қотил намекунад»***-ро чӣ гуна бояд бифаҳмем?

– Ҳамон тавре, ки ҳаст**. *«Дар либоси дӯст бо ту кори душман мекунад»,*** – овард дар посух Хирадманд.

* * *

– Устод, одамон ба чанд минволанд? – суол кард шогирд аз Хирадманд.

– Ба чаҳор минвол,– ҷавоб дод Хирадманд, – нотавон, тавоно, бузург ва нохалаф.

– Ин чаҳор тоифа, ки гуфтед, аз ҳамдигар чӣ тафовут доранд?

– Нотавон касеро гӯянд, ки тансиҳат ҳасту ҳама кору бор аз дасташ меояд, аммо шуғл нест ӯро ба меҳнат. Ба қавли Шайх Саъдӣ, умре ҳайвонтабиат дар ҷаҳолату зулмат бимонад:

***Хуру хобу хашму шаҳват***
***шағаб асту ҷаҳлу зулмат,***
***Ҳаявон хабар надорад зи ҷаҳони одамият***!

Вале чун мустафид аз ақли солим шавад, ба фаҳми одамият бирасад ва ба таъбири ҳамон бузургвор: «агар ин даррандахӯйӣ зи табиаташ бимирад», фаъол гардад ва унвони тавоноро касб кунад, тӯли умр аз неъматҳои заминию самовӣ баҳра бибарад, роҳат бубинад, охирулamp аз зиндагӣ қаноатманд ба назди офаридгораш боз биравад:

***Агар ин дарандахӯйӣ зи табиаташ бимирад,***
***Ҳама умр зинда бошад ба равони одамият***!

– Устод, магар ҳамон тавоно, ки васфаш кардед, бузург нест?

– На, тавоно ҳанӯз бузург нест, балки тавоност, яъне аз ӯҳдаи иҷрои ҳар коре, ки қасд кардааст, мебарояд. Натиҷаи амалаш ба худ ва дигарон мақбул меафтад. Вале бузург нодиру фавқулода амалҳо ва ихтирооте кунад, ки дигарон натавонанд, номи ӯ дар суҳуфи таърихи башарӣ бо ҳуруфи заррин нигориш ёбад ва зиндаву ҷовид бимонад:

***Зиндаву ҷовид монд, ҳар ки накӯном зист,***
***К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро!***

– Пас, нохалаф кӣ бошад?

– Нохалаф касест, ки дасти нотавон нагирад, ба тавонову бузург душманӣ кунад, ҳамеша дар

миёни мардум тухми ғаразу нифоқ бикорад, оқибат аз аҳли дӯзах ҳисобанд ӯро ва мунтаҳо дар оташи ҷаҳаннам бисӯзад. Биноан, ба фармудаи бузургвори фавқуззикр, куллан хуб аст, агар тухми ин қабил разилонро Худованд аз рӯйи замин бардорад:

***Дареғаш махур бар ҳалоку талаф,***
***Ки пеш аз падар мурда беҳ нохалаф!***

* * *

– Устод, зиндагӣ чист? – пурсид шогирд аз Хирадманд.

– Ба гуфти Аллома Иқбол,

***Зиндагӣ дар садафи хеш гуҳар сохтан аст,***
***Дар дили шӯъла фурӯ рафтану нагдохтан аст.***
***Мазҳаби зиндадилон хоби парешоне нест***
***В-аз ҳамин хок ҷаҳони дигаре сохтан аст!***

– Устоди мӯҳтарам, каме оддитар меовардед суханро…

– Агар оддитар биоварам суханро: Зиндагӣ ҳамон чизест, ки пеш аз вафот ба минбаъд зинда мондани худро таъмин карда тавонӣ!

* * *

Ҷавонмарде савори гардани харсанг номи худ дар он ҳаккокӣ мекард. Хирадманд, ки дар ин асно роҳгузар буд, ин машҳад бидид, салом арз намуду аз ӯ бипурсид:

– Касбу ҳунарат чист?

– Касбе наандӯхтааму ҳунаре надорам,– посух дод ҷавонмард.

– Агар нофеъ касб ё ҳунаре медоштӣ, мардум номат, ки ин ҷо менигорӣ, мехонду туро бо ифтихор ёд меовард. Аз ман маранҷ, ки гуфтаанд:

***Сабти номи хештан дар санги хоро***
***шарт нест,***
***Зинда он номе, ки дар дилҳои мардум***
***ҷо шавад!***

Ҷавонмард бо шунидани ин суханон аз амалаш бозистоду аз гардани харсанг фаромад ва норозиёна ба Хирадманд гуфт:

– Агар медонистам, ки ин харсанг аз шумост, номи хеш дар он наменавиштам…

«Афсӯс, ман тут гуфтам, ту бед шунидӣ», – аз дил гузаронд Хирадманд.

* * *

Шогирд ҳангоми вохӯрӣ бо устод «Ассалом!» гуфт.

– Салом!– маънидорона ҷавоб дод устод ва афзуд, – ҷонашро нагуфтӣ.

– Ҷони чиро?

– Ҷони саломро.

– Магар салом ҳам ҷон дорад?

– Бале, «алайкум» ҷони салом аст…

* * *

– Ҳусни хататро ислоҳ мебояд, – эрод гирифт устод аз шогирд.

– Хонда шавад кифоят-дия, – ҷавоб дод ӯ.

– Агар хат танҳо барои хондан мебуд, «***Ҳусни хат беҳ зи ҳусни дилдор аст***» намегуфтанд…

* * *

– Устод, чун фардо ҳамроҳи Шумо ба маҳфили зарифон меравем, кулоҳ пӯшам, ё салла бубандам?, – пурсид шогирд.

– Беҳтараш калларо биорой!– Посух дод устод.

* * *

– Устод, – муроҷиат кард шогирд ба Хирадманд, – хоҳишмандам байти зерини Хоҷа Ҳофизро тафсир бикунед:

***Қаламро он забон набвад,***
***ки сирри ишқ гӯяд боз,***
***Варои ҳадди тақрир аст***
***шарҳи орзумандӣ…***

– Бо ҷону дил, яъне қалам ҳар қадаре сирри ишқро суруда бошад ҳам, шарҳ (қарор)-и ниҳоии ноил гардидани ошиқ ба дидори маъшуқро гуфта (ёфта) натавонистааст. Аз ҳамин ҷост, ки бо «гуноҳ»-и нотавонии қалам ошиқ дар ин роҳ бисёр заҳмат мекашад, ҷонбозиҳо мекунад ва ҳамон қалами шӯрбахт муқассир (гунаҳгор)-и ҳал нагардидани масъала ҳисоб меёбад. Аз ин рӯ, он хориву зориҳо, ки ошиқ дар роҳи васли ҷонон мекашад, било ҳудуд (беохир) сурат мегирад. Худи ҳамин раванди беохир баройи ошиқ азиз ва ширину мукаррам ба шумор меравад. Ин ҳолат аз баҳри ошиқ аст, ки ҳаройина чунин бошад, яъне «То бод чунин бодо!» ва ин муаммоест сарбаста, онро ба ҷуз зоти поки Худованд дигар касе накушояд. Дар ин маврид Шайх Аттор фармудааст:

***Васли ӯ ганҷест пинҳон аз ҳама,***
***Ҳар ки гӯяд ёфтам, девонаест!***

Вале, агар лутфи Худованд ба зуҳур пайвандад, қалам сирри ниҳоии ишқ, яъне шарти аз

ҳама охирини ба висол расидани ошиқро бозгӯ кунад ва масъала ҳалли худро ёбад. Аммо Худованд ба хотири пойдории ишқ зинҳор ин амалро ба ҷо наоварад, зеро ӯ низ дӯстдори худро дӯст медорад…

– Устоди мӯҳтарам, агар аз як байти Хоҷа ин қадар маънии бикр ояд, як ғазалаш чӣ рақам мӯҳтаво дошта бошад-а?

– Мошо аллоҳ, он чӣ шарҳи ин байт ба ту гуфтам, хеле мухтасар буд. Ҳофизро лисонулғайб гӯянд, рафту ҳар ғазали Хоҷаро тафсир намоем, як китоб, балки сад китоб маънӣ барояд. Бинобар ҳамин: чун ба фаҳми ҳамаи ғазалиёти он ҳазрат бирасӣ, шабоҳат ба он дорад, ки ҳазорон китоб хондаиву мазмун азбар ҳаст туро. Тавре ки ӯ худ таъкид кардааст: «илмат ба фарёд бирасад…» ва умре пайваста шоду масрур бошӣ:

***Ба шеъри Ҳофизи Шероз***
***мерақсанду менозанд***
***Сияҳчашмони кашмириву***
***туркони самарқандӣ*****.**

* * *

Боре гузори Хирадманд ба растаи тиллофурӯшон афтод. Вориди дӯконе гардид мӯҳташам ва фураймон аз муҷавҳарот. Рӯйи яке

аз рафҳо лавҳе дарёфт, ки дар он бо ҳуруфи заррин мисраи «***Ҷаҳд кун дил зинда гардад, тан чӣ оройӣ ба зар!***» сабт гардида. Тиллофурӯш дар кунҷе нишаста буду машғул ба китобхонӣ. Хирадманд аз ин тазод мутаҳаййир гашт ва зери лаб ба худ гуфт: «***Ихтилоф аст дар ин сурату кор?!»***

Чун тиллофурӯш ин сухан бишнид, ба Хирадманд рӯй оварду гуфт:

– Хоҳишмандам, ҳар ихтилоф, ки ин ҷо дидӣ, ба ман бозгӯй.

Хирадманд фармуд:

– Ин мисраи олӣ, ки рӯйи лавҳ навиштаӣ ва ин тиловате, ки дорӣ, хилоф бар тааллуқи дӯкону амалат аст.

– Оре, оре, – гуфт тиллофурӯш, – қурбони аҳли фаҳмам. Ин мулоҳиза, ки ту фармудӣ, касе аз муштариён қаблан раво надид бароям. Ва ман дар ин боб чунин лутфе мақбул аз касе нашунидаам. Ин хирмани зару зевар, ки мебинӣ, ҳама моли ман аст, вале аз он кайфияте набарам, ки аз китоб мебарам. Лизо ҳамин мисраъ ҷиҳати таскини дил навишта кардам ва мустадом китоб хонам, зеро бузургон ***«фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст»*** гуфтаанд.

Хирадманд аз ин ҷавоби тиллофурӯш муқтанеъ гашту афзуд:

***На донотар он кас, ки волотар аст,***
***Ки волотар он кас, ки донотар аст…***

Тиллофурӯш дар ғояти сурур ба Хирадманд камари заррин бахшид ва ҳар ду ба минбаъд миёни ҳам аҳди дӯстӣ бастанд.

* * *

– Устод, авлотар ва муқаддамтар аз ҳама барои одам чист?

– Сараввал «кист»-ашро медонистӣ, беҳтар мебуд.

– Хайр, бубахшед, «кист»-ашро гӯед.

– Пас аз бузургдошти ҷаҳонофарин авлотар ва муқаддамтар аз ҳама барои одам модар аст:

***Донӣ, ки чӣ гуфт Ҳақтаъоло:***
***«Он кун, ки ризойи мо дар он аст!***
***Бо модари худ адаб нигаҳ дор,***
***Зеро ки ризойи мо дар он аст!***
***Ҷаннат, ки саройи ҷовидонист,***
***Зери кафи пойи модарон аст!***
***Хоҳӣ, ки ризойи ҳақ биҷӯйӣ,***
***Он кун, ки ризойи мо дар он аст!».***

– Акнун «чист»-ашро бигӯед.

– «Чист»-аш, қабл аз ҳама, шараф бошад, зеро

***Шараф чизи таҷовузнопазир аст,***
***Ҳар он кас, ки шараф дорад, кабир аст!***

* * *

– Устоди мӯҳтарам,– мурочиат намуд шогирд ба Хирадманд, – дар китобе хонда будам, ки замин чил миллион сол пеш арзи вуҷуд дошт. Дар ин китобе, ки мехонам, бист миллион сол овардааст рақамро. Ба кадомаш бояд бовар кард?

– Ба ҳеҷ кадомаш бояд иқрор наоварӣ. Ин муамморо танҳо ҷаҳонофарин донад, – ҷавоб дод Хирадманд ва илова намуд:

***Мо зи оғозу зи анҷоми ҷаҳон бехабарем,***
***Аввалу охири ин кӯҳнакитоб афтодаст!***

* * *

– Устоди мӯҳтарам, он чист, ки омили пешрафти зиндагиаш меҳисобанд?– суол кард шогирд аз Хирадманд.

– Омили асосии нумӯи зиндагӣ ишқ аст, ки яке аз гаронмоятарин инъомҳои Худованд ба бандагон маҳсуб меёбад ва зиндагӣ бо ишқ зебову побарҷо мемонад. Ҳар он касе, ки молики ишқ нест, дар ҷумлаи мардумон намеояд:

***Аз дидаи ақл ар нигарӣ рӯйи ҷаҳонро,***
***Дар дасти ҳама пиру ҷавон номаи ишқ аст!***

– Пас, ишқ чӣ бошад?

– Ишқ чизест – пухта аз хомҳо. Ин хомҳо бидуни хоми ягона, ки онро **ҳавас** ном аст, пухта нагарданд.

– Яъне, он хомҳо, ки гуфтед, ҳама соҳибноманд?

– Бале, ҳар кадоме аз он хомҳоро номест ва яке аз дигаре қавитар, ё болотар, ё баландтар ба мартаба. Ва агар бо забони ташбеҳ бигӯем: нард-бонест, ки чандин поя дорад – пойяи аввал, пояҳои минбаъда ва пояи охир. Вале он нардбонест ғайримуқаррарӣ, ки ҳар як зинаи болойӣ аз поёнӣ бузургтар бошад ва пояи ниҳойӣ, ҳаройина, волотар аз ҳама.

– Лутфи шумо зиёд аст, устод, чӣ мешуд, ки номҳойи он хомҳоро мегуфтед.

– Махраҷ, ё дурусттараш модари он ҳама хомҳо, **огоҳӣ** аст, ки аз дарки ҳушманд берун ояд. Баъдан, **огоҳӣ** бо ҷоннисориҳои **ҳавас** дигарон: **завқ, шавқ, рағбат, меҳр, таманно, умед** ва **ҳирс**ро ба вуҷуд оварад. Чунинанд асомии он хомҳо, ки пасоянд аз пешоянд пухтатар сурат бигирад. Ҳамон **ҳавас** дар миёни эшон ҳалқаи

тавсил бошад, яъне дигаронро бо ҳам бипайвандад ва байни ҳам қарин гардонад. Вале, чун **ҳавас** заъиф гардад, на фақат худ бимирад, балки пешомадашро низ бикушад. Лизо ҳалқа бигсалад, яъне мурод ба даст наояд. Ва, билъакс, агар **ҳавас** муқтадир бошад, Худованд ба ӯ мададгорӣ намояд ва ӯ бо талошҳойи беорому било фосилаи хеш дар фарҷоми кор **ҳирс**ро ба исён барангезонад ва ҳамаи хомҳоро пухта бигардонаду **ҳирс**ро ба **ишқ** табдил диҳад, ки он ойинаи баланднур аст! Ҳамин тариқ, дар ниҳояти кор **ишқ** тантанаи хеш эълон намояд ва ошиқ коми дил аз маъшуқ бистонад…

– Ташаккур, устоди азиз, лутфи шумо зиёда бод!

* * *

– Устоди мӯҳтарам, оё сухан ҳам ранг дорад? – пурсид шогирд.

– Оре, оре, – ҷавоб дод Хирадманд. – Аҷаб суоле писанд матраҳ намудӣ. Беҳтарин, бузургтарин ва арзишмандтарин чизе, ки Эзиди мутаъол ба инсон насиб донистааст, сухан аст, зеро

***Ёдгоре, к-аз одамизод аст,***
***Сухан аст, он дигар ҳама бод аст!***

Сухан на танҳо ранг, балки ҷон, қимат, таъм, вазн, қудрат ва дигар хосиятҳоро дорост дар зиндагӣ. Аз ҳамин ҷост, ки дар мавридҳойи гуногун «сухани рангин», «сухани пурҳикмат», «сухани ҷонофарин», «сухани қиматбаҳо», «сухани шаҳдбор», «сухани оташин», «сухани гарон» «сухани матин» ва ғайра гӯянд. Вале баройи гуфтани ин рақам суханони ноб ҳар касро набошад истеъдод, зеро ***на ҳар кас сазои сухан гуфтан аст!*** Ба қавли Ҳаким Низомӣ ҳатто устодони сухан низ дар офариниши сухани пурғановат бисёр эҳтиёткор ҳастанд:

***Сухан гавҳар бувад, гӯянда ғаввос,***
***Ба сахтӣ дар каф ояд гавҳари хос!***
***Зи гавҳар суфтан устодон ҳаросанд,***
***Ки қиматмандии гавҳар шиносанд…***

Акнун дар хусуси ранги сухан бояд бигӯям, ки он ба ҳайси моддаи калом поку беолоиш аст, вале дар ҳолати истифода бо иртиботи тамоюлпазирии маъноӣ, метавонад тобишҳои гуногун, аз қабили: **сиёҳ, жожгун, сафед, сурх, сабз** ва ғайраро бигирад. Дурусттараш шахси мутакаллим мувофиқи малакаву маҳорат ва донишу санъати хеш суханро бо чунин рангҳо музайян месозад, ки аз он ҳам ҷилваи сурат ва ҳам

ҷавҳари маънӣ ҳувайдо мегардад. Сипас сомеъ бо дарки чашми хирад суханро дар либоси дижам (пероста) ва ё нажанд (фартут) дармеёбад. Агар гӯянда дар лафзи хеш калимот, мафоҳим ва таъбирҳои манфӣ ва ё пардапӯши рӯҳшикану яъсангезро ба кор андозад, аз ду сар фарде ва ё анҷуманеро тирадил бисозад ва ба кӯйи номуродиҳо раҳнамун бигардонад. Дар ин мавърид кулли суханони ӯ ба ранги **сиёҳ** биёянд. Пас шунаванда бупиндорад, ки ***болотар аз сиёҳӣ ранги дигар набошад…*** ва таассурот аз шунидаҳо ӯро ***мекашад ҳар ҷо, ки хотирҳо барад…***

**Суханони жожгун** аз рӯйи хосият ба ҷумлаи **суханони рангашон сиёҳ** қаробат доранд. Афроди ҳушёр донанд, ки билохир аз чунин суханон бало хезад. Биноан, ҳамеша мекӯшанд, то аз жожхойӣ (ҳарзагӯйӣ) бупарҳезанд. Ин рақам суханонро соҳирон, ҷодугарон, фолбинон, муллотарошони риёкор, duздон ва дигар ашхоси нопок истифода мебаранд ва одамони гӯлу бемаърифатро ба доми тазвир кашида, аз эшон ба ҳар восита баҳра мебардоранд. Ин зумра қаллобон – ***ҳама гӯяндаи фисқу фуҷуранд*** ва чун подоши корҳои носавобашон аз ҷониби ҷамъият лаънат бигиранд. Худованд низ эшонро дӯст надорад ва дар фарҷом аз аҳли дӯзах бошанд.

**Суханони тобашон сафе**дро зуфунунон бигӯянд. Онҳо андарзи Мавлоно Ҷомӣ – ***«Агар лаб кушойӣ, ба ҳикмат кушой!»***-ро ҳалқаи гӯши хеш донанд. Ба ин қабил афрод носеҳон, устодон, носирон, олимон ва дигар ашхоси соҳибмаърифат дохил ҳастанд. Гуфтаҳойи эшон фақат созанда бошад ва шунавандаро ба ҷабҳаҳойи ростини зиндагӣ ҳидоят бинамояд. Ин гуна одамон бо ниятҳои хайрхоҳонаи худ, ки дар суханҳояшон мунъакис мегарданд, ҳатто метавонанд сохтори ҷамъиятро беҳтар аз будаш ба роҳ андозанд. Эшон дар ҳама давру замон шоистаи эҳтиром ва гули сари сабади ҷамъият ба ҳисоб раванд.

Аммо **суханони рангашон сурх**ро ҳар кас гуфта натавонад. Ҳатто агар аз ҷумлаи **сафед-суханон** ҳам бошад он фард. **Суханони сурх**ро танҳо шоирони алоҳида ва дилогоҳ гӯянд, зеро онҳо гавҳари маъниро дар тарозуи хирад, ҳатталимкон, дақиқ баркашанд. Онҳо аз дигарон дида хушбахттар ҳастанд, зеро бо шарофати офаридаҳойи безаволашон, ***ки аз боду борон наёбад газанд***, солиёни ҳазор зиндаву ҷовид бимонанд. Бояд бигӯям: на ҳамаи офарандаҳои каломи мавзун, ки ҷумла шеърнигоранд, ё ҳарчанд ба таъкид мақоли:

***«Ҳар ки сухан бар сухане зам кунад,***
***Қатрае аз хуни ҷигар кам кунад»***

-ро овардаанд**, суханони сурх** гуфта натавонанд. Баройи **сухани сурх** сароидан гӯянда на танҳо шоир, балки зиёда аз он бояд тавоно бошад дар арсаи адабиёт. Ба қавли устод Мӯъмин Қаноат,

***Суханро вазну тамкини замин бояд,***
***Суханро қудрати ҷонофарин бояд…***

Бо дороии нуктаҳои фавқ сухани шоир **рангги сурх**ро касб мекунад ва ба гуфти Абӯшакури Балхӣ молик мегардад фавқуттабиъа қудратеро:

***Сухан бифганад минбару дорро,***
***Зи сӯрох берун кашад морро.***

**Сухани сурх** тӯли асрҳо писанди ҳамагон бимонад, ҳатто дар шакли шиор, зарбулмасал ва мақол умр ба сар бубарад. Мардум шахсияти муаллифашро гиромӣ доранд ва агар он сухан **ақиқвор сурхи назаррабо** бошад, аксар вақт номи шоирро дар қатори асомии анбиё ва авлиё манзилат бидиҳад. Мисли он ки ба ин мартабаи олӣ Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Анварӣ, Низомӣ, Аттор, Саноӣ, Хайём, Мавлавӣ, Саъдӣ, Амир Хусрав, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ, Соиб, Бедил, Иқбол ва

чанд тани дигар мушарраф гардидаанд. Ба қавли Низомӣ, онҳо булбулони аршанд, ки аз дигарон фарқи беандоза доранд:

***Булбули аршанд суханпарварон,***
***Боз ба кӣ монанд аз он дигарон.***

**Сухани сабз** ҳамонеро гӯянд, ки он аз сухани олӣ олитар, аз воло волотар ва дар ниҳояти арҷ қарор дорад. Ин гуна суханонро паямбарон ба забон биоранд. Осори қаламии эшон тӯли асрҳои зиёд, гузашта аз ин таълифоти баъзеашон то замоне, ки инсоният дар рӯйи замин сукунат дорад, боқӣ мемонаду гиромист ва аз ҷумлаи муқаддасоти доройи авлавияти аввалия ба ҳисоб биравад ва ба фармудаи Ҳаким Саноӣ:

***Оқилонро ғизойи ҷон бошад,***
***Орифонро беҳ аз равон бошад.***

Ва дар ин нукта мунтаҳо ягон шубҳае набошад, ки китобҳои муқаддаси самовӣ – Авасто, Инҷил, Таврот, Забур ва Қуръони азимушшаън ҷовидонаанд. Зеро ҳамаи онҳоро – аз ибтидо то интиҳо, бо **суханони сабз** навиштаанд, бо

***Сухане, к-ӯ чу рӯҳ беайб аст,***
***Гавҳари ганҷхонаи ғайб аст!***

Дар ҳамин бобат он бузургвор хеле оддӣ, вале бо самимият овардааст: ***Соиб, сухани сабз бувад зиндаи ҷовид…***

Боқӣ ҳамаи суханони дигар низ ба худ муносиб ранге доранд, вале бо сабаби камаҳмият будани масъала, дар ин хусус мулоҳиза рондан-ро ҷоиз намедонам. Танҳо хотиррасон месозам, ки ба суханони нилӣ (кабудранг) кулли ҳазлу шӯхиҳойи мақбул ва ба зард акси ин мафҳумҳо – яъне номақбул: дӯғу пӯписа, дашному таҳқирҳо, алфози подарҳавою бемаънӣ ва ғайра мансубанд…

Ва ахиран, ин панди бандаи камтарину хокироҳро ба ҳеҷ ваҷҳ сарфи назар макун, ки ***шарҳи сухан бештар аст аз сухан!*** Ҳар таълифоте, ки фарогири суханони сафедрангу сурх ва ё зиёда аз ин, сурхи назаррабову сабз бошад, тавре бузургон фармудаанд, ҳатман азбар бинмой,

***То шавад ганҷи маонӣ синаат,***
***Ғарқи нури маърифат ойинаат!..***

Дар ин сурат, бешак, моҳияти одаму оламро дарёбӣ, хештан ва ҷаҳонофарин бишносӣ ва сипосгузор бошӣ ба халлоқи ҳастӣ, ки туро низ дар қатори дигарон сухангӯ халқ кардааст…

– Худованд ба Шумо зиёдтар аз ин лутф ато фармояд, устоди арҷманд!

* * *

– Устоди гиромӣ! Чаро забонро рукни асосии миллат гӯянд?– суол кард шогирд.

– Офарин, шогирди азиз! Ин суолат низ ба ман писанд аст,– посух дод Хирадманд ва афзуд: – ҳар он чӣ ба ту қаблан дар боби сухан гуфта будам ба ҳамин суолат алоқамандии ногусастанӣ дорад, зеро модари сухан забон бошад. Соҳибони забонро миллат гӯянд ва ***ҳастии миллат забони миллат аст!*** Яъне агар миллат забони худро надошта бошад, онро ба ҳеҷ ваҷҳ миллат намеҳисобанд.

Бинобар ҳамин, забони миллии мо – забони тоҷикӣ, аз ҳамаи дигар нишонаҳо дида, нишони дараҷаи аввали миллати тоҷик маҳсуб меёбад. Бо дороии забони миллӣ, ин халқи куҳанбунёди ориёнажод соҳибдавлат ва соҳибватан аст, ки онро Тоҷикистон ном аст!

Зиёда аз ин, забони тоҷикӣ, бидуни ягон шакку шубҳа, баҳри ману мо, аҷдодону ҳафт пуштамон, ҳазорон-ҳазор пушти ниёгонамон, ҳозирону ояндагони мо азизтарини азизҳо ва муқаддастарини муқаддасот, волотарин дороиву сарват, олитарин тахту давлат, ширинтарин шаҳду неъмат буду ҳаст ва хоҳад монд!

Ана, барои ҳамин забонро рукн, ё худ шоҳсутуни асосии миллат меноманд.

Забони тоҷикӣ дар тӯли қуруни зиёд шоҳиди беадад дарду ҳасрат, ҳомили пирӯзиву саодат, муршиди инсофу адолат ва қотили удвони миллат, носозгоре ба ғадру ҷаҳолат… будаву ҳаст!

Забони мо дар ҳама лаҳзаҳойи гиру дор, шебу фароз, баду неки рӯзгорон ҳамтакдиру ҳампойи миллат буд. Он ойинаи босафову нурполоест, ки дар вуҷуду замираш рӯҳу шукӯҳи миллат ҳувайдост ва дар арсаи ҷаҳон маҳз бо шарофату шафоъати ҳамин забон шаъну шарафи миллати тоҷикон пайдову побарҷост!

Дар паҳнои замину замон душманони ҳасуду тангназар борҳо бо қасди зеру забар ва маҳву бенишон гардондани забони тоҷикӣ ва фарзандони он – тоҷикон кӯшидаанд. Ҳадафи аввалину баройи эшон зарууртарин – рабудану поймол сохтани забони ин халқ буд. Бо ин нияти нопок онҳо хазоини беназири ҷавҳари ҷони забони тоҷикӣ – китобҳойи муқаддасу гаронбаҳоро ба коми оташу анҳор фиканданд ва бо ин кирдори ғосибонаи хеш, хостанд «фурӯғи субҳи донойи»-ро дар пешорӯйи ин мардуми маорифпарвар тиравуу тор созанд. Вале, ҷигарбандону дӯстдорони забони тоҷикӣ ҷони азиз ба гарав монда, дар ҳар кӯю диёр, дар ҳар дилу манзил ин сарвати азимнафъро ба дасти эминӣ супурданд ва баояндагон китоби Авастову дигар осори бузургони олами маърифат ва сафаҳоти гаронмояи рангину санги-

ни таърихи хешро ба мерос гузоштанд. Бад-ин минвол забони тоҷикиро аз марг раҳо доданд, ки ин нуктаро устод Бозор Собир ҳаққан нигошта:

***…Рӯзи ноободияш тоҷик забон обод кард,***
***Дар забонаш давлати бедавлатӣ бунёд кард –***
***Давлате аз ҳарфи вазнин,***
***Давлате аз шеъри рангин,***
***Аз чунон шеъре, ки ҳар як мирааш –***
***Ҷӯяе аз хуни сарбозони ӯст,***
***Пораи нуре аз оташҳойи зардуштони ӯст…***

Ҳар фарди мутакаллим бо ин забон ва худогоҳи тоҷикипараст онро пайваста гиромӣ дошт ва мисоли гавҳараки чашм эҳтиёташ намуд. Ана, аз ҳамин ҷост, ки назокату фасоҳат, салосату шаҳомати забони тоҷикӣ муттасил рушд намуду ба улвияти самовӣ расид. Дар олами маърифат чи бузургонеро аз Бухорову Самарқанд то Шероз, аз Марв то Бағдод, аз Хуҷанд то Нишопур, аз Ҳулбук то Балх ва аз сарзаминҳойи дигар – Ҳинду Шому Рум то ақсойи олам ба воя расонд ва миёни аҳли башар тухми некию накӯкорӣ кошт. Ин забони мубориз худ ба арзи ҳол омад ва парчами таблиғ барафрошта, ҳамагонро ҳушдор дод, ки наҷоти одам танҳо дар андӯхтани маърифат аст. Ба ҳамин маънӣ одамушшуаро Устод Рӯдакӣ зиёда

аз ҳазор сол муқаддам дар насиҳатномааш на танҳо ба ояндагони миллати хеш, балки ба ҳама бошандагони курраи арз мурочиат намуд, ки:

***То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,***
***Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.***
***Мардумони бихрад андар ҳар замон,***
***Роҳи донишро ба ҳар гуна забон***
***Гирд карданду гиромӣ доштанд,***
***То ба санг андар ҳаме бингоштанд:***
***«Дониш андар дил чароғи равшан аст,***
***В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст!».***

Ва ҳамон чароғи равшану ҷавшани ношикастанӣ, ки ба равони инсонҳо нуру сафои маърифат ва суботу матонат мебахшад, маҳз тавассути забон нурполо будааст. Ва агар забон набудиву билфарз, дар кавну макон ва давру замон дигар будҳо будӣ, он будҳо чӣ моҳияте ҳам доштӣ?! Бидуни ҳастии забон ҳама будҳо на созанда, балки куллан харобовару сӯзанда будӣ!..

Пас аз сари Устод Рӯдакӣ абармарди дигаре – Фирдавсии муаззам тӯли сӣ сол заҳмат кашида, симу зар ва гавҳару зеваре, ки дар хазинаи тиллоии забони тоҷикӣ буд, ба тамом ҷамъаш овард ва як рақам шаҳкорие бо номи «Шоҳнома» офарид ва ба таъбири худаш – ***«пай***

***афканд аз назм кохе баланд»***, ки масили он қасре мӯҳташам ва маъмур аз сухан дар саросарии эҷодиёти хаттии халқҳои ҷаҳон пайдо нест:

***Биноҳойи обод гардад хароб,***
***Зи борону аз тобиши офтоб.***
***Пай афкандам аз назм кохе баланд,***
***Ки аз боду борон наёбад газанд.***
***Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,***
***Чу тухми суханро парокандаам…***
***Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,***
***Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ!..***

Баъдан, дар басотини хушманзари ин забон ҳар ҷо-ҳар ҷо гулҳойи худрӯе руста, бо нафасу накҳати нотакрорашон тамоми қаламрави мамолики Эрону Тӯрон ва боқӣ сарзаминҳойи Аҷамро атрафшон намуданд ва андалебони асилзоде ба арсаи вуҷуд омада, дар фазойи он чаманистон боли парвоз кушуданд ва дар шохсорони ашҷори пурсамари хуррамбаҳораш нағмасароиҳо карданд:

***Бӯйи гул худ ба чаман роҳнамо шуд***
***зи нахуст,***
***В-арна булбул чи хабар дошт,***
***ки гулзоре ҳаст.***

Хуллас, забони тоҷикӣ чун модари мушфиқ басо сухантирозони беназирро дар гулшанҳойи адаби оғӯши биҳиштосояш парварид, ки эшон бо сеҳри сухан дар осори бадеъи рӯҳфизою ҷонпарвари хеш асрори азал ва ҳуруфи муаммои вуҷудро кушудаанд. Ҳамин тавоноӣ, саховат ва файзу баракати забони тоҷикӣ буд, ки бархе аз эшон ба дараҷаи алломаи тамоми давру замонҳо ва кулли халқони ҷаҳон расидаанд.

Аммо дар дарозойи таърих, тавре аллакай ёдовар шудам, басо хор ҳам шуд ин забон, ба сараш беадад кулфатҳо омада…

***Ҷабри торих ягон қавм надидаст, ки мо,***
***Заҳри торих нажоде начашидаст, ки мо…***

Офарин варо! Ҳалолаш бод ин азамат, ки намурдаву мурда-мурда зист ва тӯли ин ҷонбозиҳо аз бузургию ҷовидонӣ будани хеш ҳазорон бор шаҳодат дод!

***Забон дод дастон, ки то растахез,***
***Набинад наёми маро теғи тез!***

Ва ҳамин бузургиаш буд, ки Мавлоно Румӣ бо савти ӯ

***Бишнид зи ҳақ каломи қудсӣ,***
***Овард ба мо паёми қудсӣ…***

ва бо ҷавҳари ҷони вай Қуръони дарӣ офарид:

***Маснавии маънавии Мавлавӣ,***
***Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ…***

Аз ин рӯ, бояд иқрор шавам: дар тавсифи забони тоҷикӣ оҷизам, то як ҳарфи бикре бигӯям, ки онро пешомадагони ман нагуфта бошанд. Бузургон бо сахову карами Худованди меҳрбон шаҳомати онро ба пояҳое расонидаанд, ки аз он болотар болое набошад дар мартаба:

***Чу бо одамӣ ҷуфт гардад парӣ,***
***Нагӯяд сухан ҷуз ба лафзи дарӣ.***

Ва ё худ:

***Беҳтари гавҳари ганҷинаи ҳастӣ сухан аст,***
***Гар сухан ҷон набувад,***
***мурда чаро хомӯш аст?!***

Мутаасифона, гарчанде забони тоҷикӣ, пас аз истиқлолиятро дигарбора касб кардани соҳибонаш, мақоми давлатӣ касб карда бошад ҳам, ҳоли ӯ имрӯз низ залилу хароб аст ва чунон афтода гаштааст, ки аз ҷониби ҳамагон ӯро дасти мадад бояд мадид кард! Дар ҷомеа бисёр афроде ёфт мешаванд, ки аз ин андарз:

***Забон дар даҳон, эй хирадманд, чист?***
***– Калиди дари ганҷи соҳибҳунар!***

огоҳ нестанд. Аз ин лиҳоз, дар сухангӯйӣ ҳамеша бикӯшед, то бо забони буррову фасеҳ ва гуворову дилкаш ҳарф бизанед, зеро

***Забон ширин агар ояд набот аст,***
***Ҳаловат бахшаду кайфи шунидан…***

Илова бар ин, дар суҳуфи матбуоти даврӣ, зимни барномаҳойи родиёву телевизион, дар саҳнаҳойи ҳунарӣ суханпардозоне худнамойӣ мекунанд, ки дониставу надониста ҷо-ҷойи ҷисми мубораки ин забонро бо «санъат»-и хеш абгор месозанд. Аз мушоҳидаи ин аҳвол қалби соҳибзабонони дилсӯз, ки ***«Лаззати лафзи дарӣ ширинтар аст»***-ро ба хубӣ эҳсос менамоянд, реш-реш мегардад, зеро,

***Бо ҳамчу ӯ шикастазабоне куҷо расад***
***Дар маърази саноц маҳоми суханварӣ?!***

Гузашта аз ин, бадбахтона, ашхосе худгумкарда дар ину он ҷой во мехӯранд, ки бо лафзи махлуту сохтаи ғайритоҷикӣ ҳарф зада, ***магасафшон месозанд шаҳди суханро.*** Ин зайл

«ҷанобон» ҳатман бояд ба дарки ин нукта бираванд, ки мо ҳамагон муваззафем, то

***Забони модариро пос дорем,***
***Ки аз модар варо мерос дорем!***

Танҳо дар ҳамин сурат шахси рағбатдор метавонад ба омӯзишу азбаркунии забонҳойи ғайр бипардозад.

***Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,***
***Донистани сад забон осон гардад!***

Биноан, дар ҳаққи ин тоифа тоҷикони нотоҷик, ки нисбати забони Модару Миллати хеш носипосиҳо мекунанд, на дуои нек, балки дуои бади шодравон Устод Лоиқро раво мебинам ва аз Худованд умед дорам, ки ин дуо эшонро бигирад!

***…Аз тамоми ину он гумкардагон***
***Зиштрӯтар нест дар рӯйи ҷаҳон,***
***З-он, ки гум карда забони модарӣ,***
***Ҳарф гӯяд бо ту бо чандин забон!***

***…Заҳр бодо шири модар бар касе,***
***К-ӯ забони модарӣ гум кардааст!***

Ва, инчунин бошад, ки теғи алмосии забон забонашон бибуррад! Омин!

– Лутфи Шумо зиёда бод, устоди арҷманд! Ҳеҷ гоҳ хаста набошед! Умратон дароз ва иқболу бахту давлататон ҷовидона бод! Худо кунад, ки Шумои донодил ҳамеша насиҳатгари мо бошед! Гумон мекунам, ки бузургворе ситоиши зерро барои Шумо ва назиронатон нигоштааст:

***Донодил аз ҷавоҳири ҳикмат хазинаест,***
***Аз хештан мадор ҷудо ин хазинаро!***

– Ба ту низ, шогирди азиз, тавфиқ мехоҳам ва сад ташаккур мегӯям, ки дарки сухан ва санъати гӯш кардан ёд гирифтаӣ! Сухантирозӣ, агарки ҳунаре воло бошад, гӯш карда тавонистани он низ, ғояти ҳунармандист!

***Суханро нивюшанда бояд нахуст,***
***Гуҳар бе харидор н-ояд дуруст!***

## ЛУҒАТНОМА

«Аҳлану марҳабо!» – Хуш омадӣ!» гуфтан аст.

Алҳамду лак! – Ҳамду сано бод бар ту!

Азеро – зеро, чун ки…

Асъила – шакли ҷамъи **суол.**

Ағниё – ҷамъи **ғанӣ**, давлатмандон.

Арис – домод.

Адно – пасттар, сифлатар, фурӯмоятар.

Анбоз – шарик, ҳамроҳ.

Андӯз – омӯзиш, фарогирии дониш, аз **андӯхтан.**

Авлавӣ – волоият, афзалият.

Буномада – ҳампоя, яксон, ҳамоҳанг.

Балобил – ҷамъи **булбул.**

Бедодҳо – киноя аз беадолатӣ ва ноинсофӣ.

Бодҳо – киноя аз мушкилиҳо дар зиндагӣ.

Бебодҳо – киноя аз мушкилиҳойи номақбул.

Берой – бе раъй, бе мулоҳиза, бе чуну чаро.

Дан – хуми шароб.

Додҳо – инъомҳо, киноя аз рӯйдодҳо дар зиндагӣ.

Дун – паст, киноя аз дунёи фонӣ, сифла.
Дуну данӣ – сифлаву разил.
Ёро – ҷуръат, тавоноӣ.
Зайф – меҳмон.
Зоил – ноаён.
Зай(й) – мисл, монанд.
Ибъод кун! – Дар канор бош!
Илҳоқ кун! – Бипайванд!
Кӯшо – бо кӯшиш, пурсаъй.
Қоил – сухангӯй.
Қанд – киноя аз забони тоҷикӣ.
Лоъибин – ҷамъи **лоъиб,** бозингарон.
Ло-лам – *сачаҳои инкорӣ* – не, нест (ҳеҷ чизе нест).
Машкур – шукргузор.
Музайян – ороста.
Маснади рафеъ – тахти баланд.
Мусмар – босамар.
Мусаккир – масткунанда.
Мустадом – доимо, ҳамеша.
Оғодир – булбул, ҳазорово.
Пакан – хору залил.

Паранд – абрешим, киноя аз амволи қиматбаҳо.

Порсо – озодамард, абармард.

Раммол – фолбине, ки бо истифода
аз рамл (рег) пешгӯйӣ кунад.

Родӣ интахаб! – Ҷавонмардиро пешаат соз!

Рифъат – баландӣ, бузургӣ.

Соил – гадо.

Салосил – ҷамъи **силсила,** занҷир.

Самоъ – ҳолати ваҷди дарвешон
ҳангоми зикри Худованд.

Солам(е) – бипурсам.

Сато – асбоби мусиқӣ.

Тавҳид – ваҳдат, ягонагӣ.

Тавофи сад лисон –вирди сад забон.

Таомул– расму ойин, рафтор.

Убур (кардан) – гузаштан.

Фаноҷин – шакли ҷамъи **финҷон**, қадаҳ.

Фоъил – амалкунанда.

Фавро – фавран, бе таъхир.

Шикебоӣ – сабурӣ, тоқатоварӣ.

Ҳаббазо! – Чӣ хушо!

# МУНДАРИҶА

Гулназар. Садои шунуфтанӣ............... 5

## ОРИФОНА

Хаёлат, ай таҷаллӣ… .......................... 9
Ғазали ориф ......................................... 10
Ғазали шукрона ................................... 11
Ғазали шебу фароз ............................. 12
Ман тоҳири таҳҳорам… .................... 13
Муҳовараи қудсӣ ................................ 15
Ойинарӯям … ..................................... 18
Ману ман… ......................................... 19
Ҳазрати Дӯст… .................................. 20
Гавҳари ҷон ........................................ 22
Исёни маро бингар…......................... 23
Дар ишқободи дилам… ..................... 24
Дӯш аз савдойи ишқат…................... 25
Шеъри хаёл.......................................... 26
Алами лазизи ман ку?........................ 28
Мубтадойи ояти ишқат…................... 29
Ойинаи ҷон … ..................................... 30

## ОШИҚОНА

Ту баҳори мушкбезӣ....................... 32
Дилбаро, маҳи рӯят…......................... 33
Аз рӯзгор пурсед… ............................ 34
Нома… .................................................. 35
Девони дил….......................................... 37
Дарде, ки сӯхт моро… ......................... 38
Муаммойи ишқ...................................... 39
Канор аз рӯю аз кӯят…........................ 40
Кулфати ҷонам надонад… ................ 41
Дар канори баҳорат…........................... 42
Дилам орамиданӣ нест ...................... 44
Афсонаи ишқ........................................ 45
Нахустнома аз бону… ........................ 46

## МУТАФАРРИҚА

Ҳазрати Қалам...................................... 50
Ҷаноби Сухан ........................................ 51
Ба ёди Рӯзи Нав…................................... 53
Дар тангнойи ҳастӣ….......................... 54
Мухаммаси ҷавобия............................. 55

Суруди фарзанд.................................. 57
Баҳор ................................................. 59
Марсия ............................................... 61
Ғазали ғариб ...................................... 63
Диле хоҳам… ..................................... 64
Ханда бизан ба оламам….................... 66
Биё, боғбоно! ....................................... 67
Кохи ӯ ёдгор мемонад ........................ 69
Ё раҳматан лилоламин ....................... 71
Мусаллойи хуршед ............................. 75

ТАРОНАҲО ........................................ 76

ПИНДОРҲО ........................................ 84

Луғатнома ......................................... 118

**Муфаззали Аҷамрод**
**Мусаллои хуршед**
(Маҷмӯаи шеърҳо ва пиндорҳо)

Муҳаррири саҳифабандӣ: М. Саидова
Мусаҳҳеҳ: Зулайхо Неъматова
Мусаввир: Ромиш

Ба матбаа 15.03.2008 таҳвил гардид. Чопаш 25.03.2008 ба имзо расид. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 70х100 1/32. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 4,0. Адади нашр 500 нусха. Супориши № 3.

Нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги Тоҷикистон.
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев, 17а.

Дар матбааи «Уздечка» чоп шудааст.
ш. Душанбе, Испечак-4/4.

Почтаи электронии муаллиф:
E-mail: mgadoev@mail.ru